Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

мақаллаи
илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ

№ 2, 2012

Сармуҳаррир
Ҳамрохон Зарифӣ – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муовини сармуҳаррир
Низомиддин Зоҳидов – Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор

Котиби масъул
Давлаталӣ Назриев – Сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя
Эркин Раҳматуллоев – Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ, доктори илмҳои сиёсӣ;
Талбак Назаров – Собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи улуми Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ;
Бобохон Маҳмадов – Раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих;
Худойбердӣ Холиқназаров – Муовини аввали Раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих;
Карокатулло Олимов – узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор;
Сӯҳроб Шарипов – Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ;
Абдураҳмон Маҳмадов – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор;
Георгий Кошлаков – устоди Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои геология;
Ғуломҷон Мирзоев – устоди Донишкадаи молияи Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент;
Холмаҳмад Самиев – Декани факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент;
Шералӣ Ҷононов – Сардори Раёсати шартномавию ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Ардашер Қодирӣ – Сардори Раёсати кишварҳои Осиё ва Африкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Салими Хатлонӣ – котиби дуюми Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология.

Муҳаррири техникӣ – Х. Сафаров
Ороишгар – Ш. Самадӣ

Нишонии фаслнома: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42

© Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

Ҳамрохон Зарифӣ

Тоҷикистон ва масоили глобалии ҷаҳони муосир

Дар оғози ҳазорсолаи нав вусъати мушкилоти глобалӣ, аз қабили тағйироти экологӣ, афзоиши номутаносиби аҳолӣ, норасоии озуқа, захираҳои обӣ ва энергетикӣ, қафомонии технологии кишварҳои олами сеюм мавриди нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Мушкилоти мазкур, ки алҳол ҷаҳони муосирро ба давраи навбатии бӯҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию гуманитарӣ ворид намудаанд, дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

- бо хислати умумиҷаҳонӣ доштанашон манфиати тамоми кишварҳо ва халқҳои ҷаҳонро халадор месозанд;
- ба таназзули тамаддуни имрӯза мусоидат ва ба рушди минбаъдаи инсоният таҳдид менамоянд;
- ҳолати ташаккули мунтазами онҳо мушкилоти нави глобалиро эҷод менамояд;
- хислати комплексӣ ва системавии онҳо талошҳои дастҷамъона ва амалҳои муштараки тамоми давлатҳо ва халқҳоро тақозо менамояд;
- бартараф кардани онҳо ба роҳандозии тадбирҳои фаврӣ ва муассир ниёз дорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд истилоҳи "масъалаҳои глобалӣ" дар адабиёти илмӣ аз охири солҳои 60-уми асри гузашта мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, худи ин мушкилот инсониятро дар тӯли тамоми таърихаш думболагирӣ менамуданд. Вале баъд аз анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ба туфайли фаъолияти бисёрҷанба ва фаромиқёси инсоният, паёмадҳои глобалии ин масъалаҳо вусъати тоза пайдо намуда, имрӯз ба авҷи баландтарини худ ё ҳолати бӯҳронӣ расидаанд.

Ҳолати мазкур, дар навбати худ, ба эҷоди силсилаи хатару ситезаҳои наве, аз қабили бархурди тамаддунҳо, терроризми

байналмилалӣ, экстремизми мазҳабӣ, ҷинояткории трансмиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир мусоидат намуд, ки онҳо ба амнияти низоми мавҷудаи сиёсиву иҷтимоӣ, ҳуқуқию гуманитарии ҷаҳонӣ ва дар маҷмӯъ ба сулҳу суботи сайёра таҳдидҳои муассир ба бор оварданд.

Тоҷикистон низ аз фишори чунин хатару ситезаҳои глобалӣ берун набуда, бо қисме аз онҳо, аз қабили терроризми байналхалқӣ, ҷинояткории фаромиллӣ ва мушкилоти экологӣ аз солҳои нахустини соҳибистиқлолии худ дар ҳоли бархӯрд қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷумҳурӣ ибтикорҳои ҷомеаи ҷаҳониро оид ба масъалаҳои глобалӣ пайгирона дастгирӣ намуда, худ низ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ (ҳоло Созмони ҳамкории исломӣ), Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли дастҷамъонаи масоили мубрами рӯз, аз ҷумла, хавфу ситезаҳои афзоишёбандаи терроризми байналхалқӣ ва экстремизми мазҳабӣ ва дар ин замина пайдо шудани масъалаи бархурди тамаддунҳо, вусъати гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, норасоии оби тоза ва мушкилоти энергетикӣ тадбирҳои мушаххас пешниҳод менамояд.

Баланд бардоштани нақши марказии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси созмони байналмилалии универсалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва таъмини ҳамқадамии он ба рушди босуръати дунёи муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ солҳост, ки дар мадди назари роҳбарияти Тоҷикистон қарор дорад. Яке аз чунин василаҳои мувофиқсозии фаъолияти СММ роҳандозӣ намудани ислоҳот дар ин созмон мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳануз моҳи октябри соли 1997 зимни суханронии худ дар Иҷлосияи 52-юми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Мутаҳид ба масъалаи ислоҳоти СММ таваҷҷӯҳ намуда, иброз дошт, ки “ғояҳои мутобиқати СММ ба воқеияти имрӯза бешак муҳим ва заруранд” ва аз ин рӯ “дар шароити имрӯзаи ноустувори гузариш дар ҷаҳон нақши СММ ҳамчун воситаи ба эътидол оварандаи авзоъ бояд пайваста афзояд”.

Дар ин росто роҳбарияти Тоҷикистон вобаста ба ислоҳоти СММ чандин маротиб назари худро иброз намудааст, ки нуктаҳои асосии он чунинанд:

- воқеъбинона муносибат кардан ба ислоҳоти СММ, бо роҳи бештар таваҷҷӯҳ додан ба ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳим,

риояи тавозуни оқилонаи навҷӯйиҳо ва таҳкими усулҳое, ки самараашонро нишон додаанд;

- афзудани аъзоёни доимии Шӯрои амнияти СММ, аз ҷумла, аз ҳисоби намояндагони кишварҳои рушдёбанда дар асоси интихоби бонавбат;

- иштироки фаъолонаи СММ дар таъмини тараққиёти босуботи кишварҳои дорои иқтисодиёти гузаранда, аз ҷумла, дар рафъи оқибатҳои манфии иҷтимоии давраи муосир;

- таҳким бахшидани нақши СММ дар ҷодаи расондани кумаки байналхалқӣ ба ҳамгироии давлатҳои транзитӣ ба системаҳои ҷаҳонии иқтисодию тиҷоратӣ.

Тоҷикистон дар симои СММ созмони навшуда ва муқтадиреро дидан мехоҳад, ки ҳамқадами ҷаҳони тағйирпазири муосир буда, дар ҷилавгирӣ намудани хатару таҳдидҳо тадбирҳои муассир андешад ва ҷавобгӯи орзую омоли ҷомеа ҷиҳати таъмини рӯзгори созгор бошад.

Таҷриба собит месозад, ки татбиқи муваффақонаи ҳадафҳои муштараки умумиҷаҳонӣ, аз ҷумла, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ мазмун ва мундариҷаи нави ҳамкории ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунад, зеро чорабиниҳои то имрӯз амалишуда, мутаассифона, натиҷаи дилхоҳ ба бор наовардаанд. Аз назари Тоҷикистон ҳодисаҳои охирини олам бори дигар нишон доданд, ки ҳаллу фасли масъалаҳои ҷаҳониву минтақавӣ бе таҳкими нақши марказии СММ дар масъалаҳои байналмилалӣ ва бе таҳкими усули дастҷамъӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ дар асоси риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ имконнопазир аст.

Бинобар ин, Тоҷикистон дар Иҷлосияи 67-уми Маҷмааи Умумии СММ бори дигар таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи баланд бардоштани нақши Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ, зарурати ислоҳоти амиқи сохториву барномавии Созмон ва Шӯрои Амнияти он ҷалб намуд. Таъкид карда шуд, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ислоҳоти оқилонае ки дар натиҷаи он Созмони Милали Муттаҳид тавонад, ба рӯйдодҳои ҷаҳон фавриву шоиста вокуниш кунад ва бо таҳдидҳои сершумори ҷаҳони имрӯз ба таври муассир муқовимат намояд, зарур мебошанд.

Терроризми байналхалқӣ дар охири асри XX дар ҳошияи равандҳои ҷаҳонишавӣ босуръат ташаккул ва тавсеа ёфта, алҳол барои аксар кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба як хатари фарогир табдил гаштааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди байналмилалӣ, айни ҳол дар ҷаҳон тақрибан 500 ташки-

лоти террористӣ амал мекунанд, ки дорои шабакаи фаромиллӣ ва муташаккили сохторӣ мебошанд. Дар соли 2011 дар маҷмӯъ дар 70 давлати ҷаҳон зиёда аз 10 ҳазор амалҳои террористӣ ба вуқуъ пайваста, дар натиҷаи онҳо зиёда аз 12,5 ҳазор одам ҳалок шудаанд.

Тоҷикистон бо терроризми байналмилалӣ ҳануз овони ҷанги шаҳрвандӣ рӯбарӯ шуда буд ва бо оқибатҳои фаъолияти зиддиинсонии он бевосита шинос мебошад. Мувофиқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ аз замони соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ то имрӯз дар қаламрави кишвар аз ҷониби гурӯҳҳои мухталифи ҷиноятпеша зиёда аз 100 амалиёти террористӣ ба анҷом расонида шудааст. Ҳарчанд дар натиҷаи талошҳои қатъӣ ва пайвастаи мақомоти мазкур дар мубориза бар зидди терроризм дастовардҳо ҳастанд, вале, мутаассифона, ин зуҳурот то кунун пурра аз байн нарафтааст.

Дар иртибот ба хислати фаромиллии терроризм Тоҷикистон мутмаин аст, ки муборизаи муваффақона бар зидди он бидуни талошҳои муштараки минтақавию байналмилалӣ ғайриимкон мебошад. Сарвари Тоҷикистон 24 сентябри соли 1995 зимни Иҷлосияи 58-уми Маҷмааи Умумии СММ изҳор намуда буд, ки «нерӯҳои сулҳовари Созмони Милали Муттаҳид дар сурати ҳамкории он бо созмонҳои минтақавӣ, метавонад ба маротиб афзоиш ёбанд ва пеш аз ҳама, дар роҳи пешгирӣ, хомӯш кардан ва танзими ихтилофоти низомӣ, мубориза алайҳи терроризм, зуҳуроти радикалии равияҳои мухталифи бунёдгаро хизмат кунанд».

Маҳз дар ҳамин қарина моҳи ноябри соли 2002 зимни ҷаласаи Ассамблеяи парламентии ҳамкориҳои иқтисодии АвруОсиё ташаббуси Президенти Тоҷикистон «оид ба созмон додани эътилофи зиддитеррористӣ» пешниҳод гардид.

Аз нигоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки асосан баъд аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар шаҳрҳои Ню-Йорку Вашингтони ИМА вусъат пайдо намуданд, дар ҳалли ин қазия то ҳол натиҷаҳои муассир дастрас нагаштаанд. Дар иртибот ба ин роҳбарияти Тоҷикистон дар доираи созмонҳои зикршуда ҷиҳати куллан тағйир додани вазъ дар ин самт пайваста маҷмӯи тадбирҳоеро пешниҳод менамояд, ки муҳимтарини онҳоро зикр кардан бамаврид аст:

1. Қабули Аҳдномаи муштараки умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм, эътироф намудани терроризм ҳамчун зуҳуроти дорои ҳадафҳои сиёсӣ;

2. Пешбинӣ намудани ҷазо нисбати давлатҳое, ки аз терроризм пуштибонӣ зоҳир менамоянд;

3. Аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ таҳия ва роҳандозӣ намудани барномаҳои фарогири кумаки иқтисодию иҷтимоӣ ва технологию иттилоотӣ ба кишварҳои олами сеюм;

4. Таъсис додани Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ таҳти сарпарастии СММ;

5. Баланд бардоштани нақши ҳамоҳангсози Интерпол дар мубориза бар зидди терроризм;

6. Ташкил намудани маъхази умумии маълумот ва шабакаи муштараки иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар пайгирӣ аз сиёсати дар ин самт муайяннамудаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи мубориза бо терроризми байналмилалӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ пайваста талош меварзад.

Дар доираи талошҳои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои манфиатдор соли 2010 Стратегияи зиддитеррористии глобалии СММ дар Осиёи Марказӣ қабул карда шуд ва ҳоло ҷумҳурӣ дар таҳияи Нақшаи муштараки амалҳо оид ба татбиқи он саҳми фаъол гузошта истодааст.

Вусъати гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар марҳилаи кунунӣ бидуни истисно барои тамоми кишварҳои ҷаҳон хатари бузургеро эҷод намудааст. Тибқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ айни ҳол дар ҷаҳон тахминан 230 миллион одам навъҳои гуногуни маводи мухаддирро истеъмол менамоянд, ки беш аз 27 миллиони онҳо ба вобастагии доимӣ аз маводи мухаддир мувоҷеҳ буда, ҳар сол қариб 200 ҳазор кас бар асари ин вобастагӣ мефавтад. Гардиши молиявии истеҳсолу фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир тахминан 400 миллиард доллари америкоӣ ё 8 фоизи ҳаҷми савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳайси ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳдиду ситезаҳои ин зуҳурот бевосита мувоҷеҳ гаштааст. Ҳарчанд Тоҷикистон кишвари истеҳсолкунандаи маводи мухаддир нест, вале ба сабаби мавқеияти ҷуғрофӣ ва доштани сарҳади тӯлонӣ бо Афғонистон қаламрави он аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятқор барои интиқол додани ин мавод истифода мешавад. Бо назардошти чунин ҳолат, Тоҷикистон гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти миллӣ ва суботи кишвар ҳисобида, ҷиҳати самаранок ба роҳ

мондани мубориза бар зидди он фаъолона талош меварзад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи махсуси 20-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи июли соли 1998 пешниҳод намуда буд, ки дар атрофи Афғонистон «камарбанди амниятӣ» ташкил карда шавад.

Минбаъд низ, дар ин самт ибтикорҳои худро пайгирона идома дода, аз минбарҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ пайваста тадбирҳои судбахшро манзур менамояд. Муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаи қочоқи маводи мухаддир дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Конфронси байналмилалӣ "Тоҷикистон бар зидди маводи мухаддир", соли 1999, Душанбе), ташкили Эътилофи байналмилалӣ бар зидди маводи мухаддир (ҷаласаи 58-уми Ассамблеяи Генералии СММ, соли 2003), имзои Созишнома байни давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо (17 июни соли 2004), ташкили Маркази Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди маводи мухаддир (ҳамоиши сарони давлатҳои СҲШ, соли 2008, Душанбе), таҳияи Барномаи муштараки мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳти сарварии СММ ва Соли байналмилалии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир эълон намудани соли 2011 (моҳи майи соли 2009, Душанбе), бархе аз ибтикорҳои кишвар дар ин ҷода мебошанд.

Тоҷикистон бар он назар аст, ки мубориза бо маводи мухаддир бояд сараввал дар макони парваришу истеҳсоли он ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки давлатҳои манфиатдор кӯшишҳои ҳукумати Афғонистонро дар мавриди қатъи кишт, истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир бевосита дар қаламрави ин кишвар ҳамаҷониба ва пайгирона дастгирӣ намоянд. Дар ин росто, зимни Вохӯрии ғайрирасмии вазирони корҳои хориҷии Иттиҳоди Аврупо оид ба мавзӯи "Афғонистон ва ҳамсояҳои он" (14 декабри соли 2008, Париж) Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар шаҳри Душанбе Маркази зидди маводи мухаддир бо иштироки кишварҳое, ки стратегияи Ҳукумати Афғонистонро дар ин самт ҷонибдорӣ менамоянд, таъсис дода шавад.

Масъалаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва транзити он на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои минтақа хос мебошад. Аз ин рӯ ҳамкориҳои муштарак дар мубориза бар зидди ин падида дар форматҳои гуногуни минтақавӣ, алалхусус Созмони ҳамкории Шанхай, яке аз ҷузъҳои муҳими си-

ёсати Тоҷикистон дар ин самт ба шумор рафта, ҷиҳати тақвияти онҳо пайваста тадбирҳои мушаххас пешниҳод карда мешаванд. Аз ҷумла, моҳи августи соли 2008 Тоҷикистон дар Саммити душанбегии сарони давлатҳои СҲШ пешниҳод намуд, ки дар заминаи Агентии назди Президенти Тоҷикистон оид ба назорати маводи мухаддир Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ, инчунин Маркази таълимии махсусгардонидашудаи тайёр намудани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ташкил карда шаванд.

Ташаббусҳои Тоҷикистон дар ҷодаи мубориза бар зидди маводи мухаддир аз ҷониби кишварҳои пешбари ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, дастгирии ҳамаҷониба меёбанд. Хусусан ташаббус дар мавриди таъсиси «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон миёни онҳо ҳамраъйии васеъ пайдо намуда, даъвати Тоҷикистон дар бораи созмон додани «Ҳамёрии глобалӣ ҷиҳати муқовимат ба хатари маводи мухаддир» ба номгӯи «Ташаббусҳои муҳимтарини соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» шомил гардид. 29 апрели соли 2005 Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ бо бартарии кулли овозҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайси аъзои доимии Кумитаи Байналмилалии СММ оид ба назорати маводи мухаддир интихоб намуд.

Ин дастовардҳоро дар маҷмӯъ метавон ҳамчун шаҳодати баҳои баланди ҷомеаи байналмилалӣ ба талошҳои кишвар дар ҷодаи мубориза бо гардиши маводи мухаддир ва эътирофи сиёсати босамари Тоҷикистон дар ин самт арзёбӣ намуд.

Таъмини сулҳу субот дар Афғонистон бо назардошти мақоми авлавиятноки ин кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Президенти кишвар мавқеи муҳимро касб намудааст. Аз ин рӯ, имкониятҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи он, пеш аз ҳама ба барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон равона шудааст.

Дар ин қарина Тоҷикистон аз қарорҳои Конференсияи Бонн оид ба Афғонистон (моҳи декабри соли 2001) ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ ва танзими сохтори сиёсии ин кишвар, инчунин ҳукумати нави он бо роҳбарии Ҳомид Карзай ҳамаҷониба дастгирӣ намуд.

Сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 дар суханронии худ дар Иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таъкид намуда буд, ки дастгирии

кӯшишҳои роҳбарияти Афғонистон ҷиҳати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини машаққатдидаи афғон ба манфиати тамоми сайёра мебошад. Зимни ин, тибқи изҳори Сарвари Тоҷикистон «вақти он расидааст, ки дар ин ҷо ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад».

Дар партави чунин ҳидоятҳои сулҳофарини Сарвари давлат масъалаи бороҳҳои сиёсӣ ҳал намудани зиддиятҳои мусаллаҳонаи дохилии Афғонистон дар меҳвари тамоми кӯшишҳои дипломатии Тоҷикистон қарор дорад. Тоҷикистон аз оғози кори «Гурӯҳи ҳамсоягон ва дӯстони Афғонистон» («гурӯҳи 6+2») дар он фаъолона иштирок намуда, минбаъд низ, тамоми тасмимҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон равона шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар Вохӯрии VII сарони кишварҳои узви Созмони Конфронси исломӣ (13-14 декабри соли 1994, Касабланка) Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории кишварашро аз Баёнияи ниҳоӣ ва Қатъномаи ҷаласаи ҳафтуми фавқулодаи вазирони корҳои хориҷии узви ин созмон оид ба Афғонистон изҳор сохта, таъкид намуда буд, ки «мо тачрибаи талхи ҷанги ҳамватаниро чашидем ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли мушкилии ба вуҷудомадаи мардуми Афғонистонро бо роҳи зӯроварӣ ва яроқ намехоҳем».

Ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон барои Тоҷикистон аҳамияти принсипиалӣ дошта, ҷумҳурӣ иқдоми мазкурро василаи ягонаи расидани ин кишвари ҷангзада ба сулҳу субот медонад. Аз ин рӯ, дар вохӯрии ғайрирасмии вазирони корҳои хориҷии Иттиҳоди Аврупо оид ба мавзӯи "Афғонистон ва ҳамсояҳои он", ки 14 декабри соли 2008 дар Париж баргузор гашта буд, ҷониби Тоҷикистон бо назардошти тачрибаи худ пешниҳод намуд, ки истифодаи механизми истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ, барои барқарор намудани сулҳу амният дар Афғонистон мавриди истифода қарор дода шавад.

Тоҷикистон дар давраи раисии худ дар Созмони Конфронси исломӣ дар соли 2010 ҷиҳати фаъол намудани иштироки кишварҳои аъзои ин созмон дар ҳалли масъалаи Афғонистон кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Дар доираи ҷаласаи 37-уми Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии СКИ, ки 5 майи соли 2010 дар Душанбе баргузор гашт, қабул намудани Қатъномаи алоҳида оид ба вазъи Афғонистон далели роҳандозии босамари сиёсати созандаи Сарвари Тоҷикистон дар ин ҷода мебошад.

Бешубҳа, бидуни барқарор намудани сулҳу субот дар Афғонистон таъмини амнияти воқеӣ дар минтақа низ имкон надорад. Бино бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша кӯшиш менамояд, ки имкониятҳои тамоми кишварҳои манфиатдор, пеш аз ҳама кишварҳои минтақа ба мӯътадил гардидани вазъи Афғонистон ҷалб карда шаванд. Дар ин росто, бо ташаббуси ҷумҳурӣ дар давоми даҳсолаи сипаришуда, оид ба масъалаи мазкур силсилаи чорабиниҳо сурат гирифтанд. Аз ҷумла, 22 октябри соли 2001 дар Душанбе мулоқоти сеҷонибаи сарони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Россия роҷеъ ба авзои Афғонистон баргузор гардид, ки зимни он ҷонибҳои Тоҷикистон ва Россия омодагии худро барои ҳалли бӯҳрони тӯлкашидаи Афғонистон изҳор намуданд. Чунин мулоқотҳо минбаъд дар доираи вохӯриҳои сеҷонибаи Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон, Тоҷикистон-Эрон-Афғонистон ва чорҷонибаи Тоҷикистон-Афғонистон-Россия-Покистон доир гашта, дар доираи онҳо ҷиҳати ҳалли масоили мубрами Афғонистон ва минтақа натиҷаҳои муайян ба даст оварда шуданд.

Аз нигоҳи Тоҷикистон таъмини рушди босуботи Афғонистон зарурат ба он дорад, ки ин кишвар ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкории сиёсӣ ва тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ тавассути созмонҳои манфиатдор, аз қабили Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба равандҳои ҳамгироӣ ҷалб карда шавад. Ин буд, ки соли 2003 Шӯрои доимии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба Афғонистон додани мақоми ҳамшарик оид ба ҳамкорӣ бо САҲА қарор қабул намуд.

Тоҷикистон соли 2001 маъракаи байналмилалии зидди-террористии ИМА ва кишварҳои НАТО-ро дар Афғонистон дастгирӣ намуда, то кунун ҷиҳати муваффақона амалӣ намудани чораҳое, ки барои ба эътидол овардани вазъи Афғонистон равона шудаанд, кумаки ҳамаҷониба мерасонад. Дар баробари ин, бо назардошти вазъи воқеии ҷомеа, таркиби мураккаби қувваҳо ва ҷараёнҳои сиёсиву мазҳабии ин кишвар, Тоҷикистон итминон дорад, ки низоъҳои дохилии Афғонистони мусибатзадаро танҳо тавассути василаҳои комплексӣ ва фарогир метавон ба эътидол овард. Бо назардошти ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 26 сентябри соли 2008 зимни суханронии худ дар мубоҳисаҳои умумии сиёсии Иҷлосияи 63-юми Маҷмааи Умумии СММ изҳор намуда буд, ки Афғонистон

алҳол на ба зиёд кардани ҳузури низомии мамлакатҳои хориҷӣ дар қаламрави худ, балки ба кумакҳои мушаххаси иқтисодӣ, техникӣ ва гуманитарӣ ниёзманд аст.

Тоҷикистон бар он назар аст, ки эҳёи Афғонистон пеш аз ҳама ба ҷалби бевоситаи ин кишвар ба лоиҳаҳои гуногуни инфрасохтории нақлиётӣ ва энергетикии минтақавӣ, аз ҷумла, сохтмони роҳҳои мошингард ва оҳан, бунёди хатҳои интиқоли газ ва барқхатҳои баландшиддат (ЛЭП), аз ҷумла, татбиқи лоиҳаи CASA-1000 вобастагӣ дорад. Ҳамзамон ҷониби Тоҷикистон дар конфронсҳои Истанбул (с. 2010) ва Бонн (с. 2011) оид ба Афғонистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба аҳамияти бузурги масъалаи фаро гирифтани кишоварзони афғон ба барномаҳои кишоварзӣ, ки метавонанд ба парваришу истеҳсоли маводи мухаддир хотима бахшанд, ҷалб намуд. Дар ин ҷода низ, Тоҷикистон мусоидати худро ба кишвари ҳамсоя, аз ҷумла, ҷиҳати таъмини обёрии заминҳои корам пешниҳод намуд.

Инкишофи захираҳои инсонӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи маърифат низ метавонад дар таъмини эҳёи Афғонистон нақши созанда дошта бошад. Дар ростои ин нукта соли 2011 дар конфронси Бонн оид ба Афғонистон ҷониби Тоҷикистон бо ташаббуси ташкили маркази таълимии бисёрсоҳаи касбӣ-техникӣ барои хоҷагии халқи Афғонистон баромад карда, аз кишварҳо ва созмонҳои ҳамёр даъват ба амал оварда, ки барои татбиқи ин лоиҳа мусоидат намоянд.

Бо хуруҷи қувваҳои Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ дар соли 2014 мундариҷаи сиёсати ҷомеаи байналмилалӣ нисбат ба равандҳои эътидоли вазъи Афғонистон сифатан тағйир хоҳад пазируфт. Дар ин қарина, Тоҷикистон талош меварзад, ки мазмуни ин сиёсат ба мисли пеш боқӣ монда, расонидани кумакҳои башардӯстонаи байналмилалӣ ба Афғонистон идома ёбад. Зимни ин, лоиҳаҳои барқарорсозии иқтисодии Афғонистон бояд ба унсури асосии ин кӯмакҳо табдил ёбанд, зеро танҳо бо ҳамин роҳ ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад ба ҳадафи ниҳоии худ – таъмини сулҳу субот дар ин кишвар ва ҳаёти арзанда барои мардуми он ноил гардад.

Дар пайгирӣ аз ин тасмимҳо 26-27 марти соли 2012 дар ш. Душанбе Конфронси панҷуми ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-V) доир гардид, ки дар кори он ҳайатҳои баландмақоми 46 кишвар, 30 созмони байналмилалӣ ва олимону муҳаққиқон, инчунин намояндагони доираҳои

соҳибкорӣ иштирок доштанд. Дар санади ниҳоии Конфронс – Эъломияи Душанбе 17 лоиҳаи мушаххас дар соҳаҳои инфрасохторӣ барои омӯзиш ва татбиқ муайян карда шуд.

Тоҷикистон аз татбиқи натиҷаҳои Конфронси панҷуми ҳамкории минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон ба таври ҷиддӣ пайгирӣ менамояд. Дар ин росто, Иҷлосияи 67-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иртибот ба масъалаи вазъи Афғонистон ҷониби Тоҷикистон диққати ҳозиринро ба натиҷаҳои Конфронси зикршуда ҷалб намуда, бори дигар аҳамияти лоиҳаҳои минтақавиеро, ки дар рафти он мушаххас шуда буданд, барои таъмини сулҳу субот ва барқарорсозии зербинои иҷтимоии Афғонистон таъкид намуд.

Масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад. Дар ин қарина, тайи чанд соли охир ҷумҳурӣ аз минбари СММ силсилаи ташаббусҳоро бахшида ба истифодаи захираҳои обӣ пешниҳод намуд. Ин ташаббусҳо ба яке аз самтҳои муҳими робитаҳои Тоҷикистон бо СММ ва ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти ҷойдошта дар ин соҳа табдил ёфтанд.

Дар ин ҷода дар асоси пешниҳодҳои Тоҷикистон қабул шудани қатъномаҳои СММ оид ба эълон намудани соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза ва «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015» ибтикороти муҳиме мебошанд, ки дар натиҷаи баргузории онҳо Дабири кулли СММ Шӯрои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис дод. Дар доираи ин ташаббусҳо дар асоси Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои он дар ш. Душанбе чорабиниҳои зиёде, аз ҷумла, Форуми байналмилалии оби тоза (августи соли 2003), Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромиллӣ (30 майи соли 2005), Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (соли 2008) баргузор гаштанд.

Ҳарчанд пешниҳодҳои Сарвари Тоҷикистон оид ба қабули Конвенсияи байналмилалӣ оид ба об, ташкили ҳамёрӣ дар соҳаи об, Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи оби кӯли Сарез, гузаронидани экспертизаи фарогири низоми истифодаи об, инфраструктураи обёрикунанда ва экологияи минтақа аз минбарҳои созмону ҳамоишҳои гуногун ба ҷомеаи ҷаҳонӣ манзур шуда бошанд ҳам, ба андешаи ӯ барои ба ҳалли қатъии онҳо ноил шудан талошҳои боз ҳам фаъолтар зарур мебошанд. Бо назардошти ин Сарвари Тоҷикистон моҳи марти соли 2009 дар

Ҳамоиши V байналмилалии об дар ш. Истанбул пешниҳод намуд, ки соли 2012 Соли байналмилалии дипломатияи об эълон карда шавад. Зимни ин ӯ боварӣ изҳор намуд, ки «Соли байналмилалии дипломатияи об … ба таҳкими ҳамкорӣ ва эҷоди муносибатҳои нав миёни кишварҳои канори дарёҳо дар танзими масъалаҳои марбут ба об мусоидат хоҳад кард». Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ин пешниҳодро пазируфта, соли 2010 роҷеъ ба эълом доштани соли 2013 чун Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об қатънома қабул кард.

Ба мақсади татбиқи ҳадафҳои Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҷониби Тоҷикистон дар Иҷлосияи 67-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд, ки соли 2013 чанд чорабинӣ, аз ҷумла иҷлосияи Маҷмааи Умумӣ ва конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об, баргузор карда шаванд. Дар ин росто Тоҷикистон мақсад дорад, ки ба баррасии Кумитаи дувуми Маҷмааи Умумӣ лоиҳаи қатъномаи дахлдорро пешниҳод намояд.

Риояи ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳаммулпазирии этникию мазҳабӣ ва муколамаи байни тамаддунҳо низ аз ҷумлаи масоиле мебошанд, ки ҳамеша дар мадди ҷиддии сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор доранд. Дар давоми 10-15 соли охир нақши ҳуқуқи байналмилалӣ ва нуфузи маънавии созмонҳои байналмилалӣ бар асари камбуди иродаи сиёсӣ ва пайравӣ ба стандартҳои дурӯя то андозаи назаррас коҳиш ёфтаанд. Дар робита ба ин ҳолат барои аксари аҳолии дунё эътибори воқеии ҳуқуқи байналмилалӣ ва сарчашмаи нерӯи адолат будани он зери шубҳа қарор гирифтааст.

Тоҷикистон бар он назар аст, ки бидуни бознигарӣ намудани ҳуқуқи байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи он, татбиқи самараноки масоили глобалӣ, аз ҷумла, тадбирҳо бар зидди терроризми байналмилалӣ метавонад ба мушкилиҳои муайян мувоҷеҳ гардад. Аз ин рӯ, ҷаҳони имрӯза ба ахлоқи нави сиёсие, ки дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфта бошад, сахт ниёз дорад. Дар пайравӣ аз чунин ахлоқи волои сиёсӣ тамоми кишварҳои ҷаҳон бидуни истисно бояд эҳтироми комили худро нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар амал зоҳир намоянд. Онҳо бояд дарк кунанд, ки ҷаҳони имрӯза на ҷаҳони нерӯву зурӣ, балки ҷаҳони эҳтироми мутақобилаи мардумон ва фарҳангҳои гуногун мебошад.

Дар рӯҳияи фарҳанги сулҳ, муколамаи байнимардумӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия намудани аҳолии сайёра вазифаи

ҳатмӣ ва муқаддаси тамоми кишварҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мебошад. Бояд ҷомеа дарк намояд, ки терроризми байналхалқӣ аз ягон дину мазҳаб, мансубияти этникӣ ва ҷуғрофӣ манша намегирад, бино бар ин кӯшишҳои ба ҳам вобаста намудани онҳо бояд қатъиян маҳкум карда шаванд. Ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки ба ҳар гуна зуҳуроти оштинопазирӣ нисбат ба дин ё мазҳабе монеъ шавад ва барои эҷоди ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои густурдаи кишварҳои гуногунмазҳаб дар заминаи арзишҳои умумиинсонӣ талош намояд.

Мутаассифона, соли ҷорӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ филми таҳқиромезе нисбат ба дини мубини ислом иғвобарангезона пахш карда шуд, ки вокуниши шадидеро дар ҷаҳони ислом ба вуҷуд оварда, мутаасифона боиси амалҳои зӯроварӣ ва кушторӣ одамон гардид. Ҷониби Тоҷикистон аз минбари Иҷлосияи 67-уми Маҷмааи Умумии СММ ин амали номатлубро қотеона маҳкум намуд ва иброз дошт, ки тарафдори эҳтиромӣ гуногунии фарҳангиву динӣ ва гуфтугӯи байни тамаддунҳо барои таҳкими сулҳу ҳамдигарфаҳмии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин росто ҷаҳон бояд садди роҳи бадном сохтани дини мубини ислом аз ҷониби доираҳои ғараздори сиёсӣ гардад. Зеро он ташкилотҳои террористие, ки дар қаламрави баъзе кишварҳои исломӣ мустақар шуда, аз он ҷо фаъолияти зиддиинсонии худро амалӣ месозанд, ба дини мубини ислом ҳеҷ алоқамандӣ надоранд. Бояд зикр намуд, ки Роҳбарияти Тоҷикистон борҳо аз минбарҳои баланди ҳамоишҳои ҷаҳонӣ масъалаи таҳаммулпазирии байни тамаддунҳо ва динҳоро бо миён гузошта, дар мавриди арзишҳои умумиинсонии дини ислом ибрози назар намуда буд.

Дастгирии кишварҳои қафомонда ва баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагии сокинони онҳо низ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дошта, масъалаи мазкур аз ҷониби ҷумҳурӣ аз минбарҳои созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, хусусан СММ пайваста барои баррасӣ пешкаш мегардад. Пешниҳодҳои Тоҷикистон дар ин самт гуногун буда, мақсад аз онҳо баланд бардоштани зарфияту имконияти кишварҳои ниёзманд ба хотири мустақилона ҳаллу фасл намудани мушкилоти мубрами онҳо мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқоти сарони давлату ҳукуматҳои ҷаҳон бахшида ба масъалаи озуқа, ки 16 ноябри 1996 дар Рим баргузор шуда буд, аз иштирокдорони мулоқот хоҳиш намуд, ки ба масъалаҳои тавсеаи кӯмакҳои моддӣ-техникӣ барои зиёд кардани истеҳсоли озуқа дар чунин кишварҳо таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи Роҳбари Тоҷикистон "Созмони Милали Муттаҳид бояд барои натиҷаи дилхоҳ додани тадбирҳое, ки ҳадафи онҳо ҳарчи камтар сохтани фарқияти дараҷаи пешрафти давлатҳои доро ва қашшоқ мебошад, аз ҷумла бо роҳи афзунтар сохтани маблағгузорӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳои дар давраи гузариши иқтисодӣ қарордошта, ки захираҳои фаровони энергетикию сузишворӣ надоранд, саҳм гузорад". Дар ин қарина ҷониби Тоҷикистон зимни Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба шарҳи фарогири иҷрои «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», 2010-2015» (8-10 июли соли 2010, ш. Душанбе) бо назардшти эҳтиёҷоти кишварҳои ақибмонда ва аз роҳҳои баҳрӣ маҳрум барои нимаи дуюми Даҳсолаи байналмилалии об ҳалли масъалаҳои зеринро пешниҳод намуд:

- ҳамлу нақли бемамониати молҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои камбизоатӣ, мубориза бо фалокатҳои табиӣ, дастгирии соҳаи тандурустӣ, маориф ва ғ. нақши стратегӣ мебозанд;
- кам кардани маблағи қарзи кишварҳои камбизоат;
- бахшидани қарзҳои расмии дуҷониба, инчунин кӯмаки бештари расмӣ бо мақсади инкишоф ба кишварҳое, ки паст кардани сатҳи камбизоатиро мароми хеш қарор додаанд.

Ғайр аз ин, силсилаи дигари масъалаҳои мубрами рӯз низ дар мадди таваҷҷӯҳи хосаи Роҳбарияти Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, масъалаи таъмини рушди устувор, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст, ҳадафи стратегии Ҳукумати Тоҷикистон буда, зимни ин ба истифодаи муассир, оқилона ва сарфаҷӯёнаи захираҳои табиӣ, ки унсури асосии иқтисоди «сабз»-ро ташкил медиҳад. Ҷониби Тоҷикистон дар Иҷлосияи 67-уми Маҷмааи Умумии СММ дар иртибот ба мақсадҳои инсонпарваронаи Конфронси Рио-де-Жанейро изҳор намуд, ки ҳамоиши мазкур метавонад дар таърих сабт гардад, зеро пойбандии ҷомеаи байналмилалиро ба масири рушди устувор ва бунёд намудани ояндаи аз нигоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ устувор – «Ояндае, ки мо мехоҳем» таъйид кард.

Дастрасӣ ба энергия барои расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазора нақши калидӣ дошта, хусусан барои кишварҳои тараққикунанда ва кӯҳистонӣ ба масъалаи рӯз табдил ёфтааст. Ин масъала барои Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ аҳамияти марказӣ дорад. Ба сабаби надоштани манбаъҳои дигари энергетикӣ, барои Тоҷикистон, ки дорои зарфиятҳои азими нирӯи барқи обӣ мебошад, рушди пайдарпай ва ҳамаҷонибаи ин соҳа ҳаётан

зарурӣ мебошад. Бо назардошти ин ҷониби Тоҷикистон дар Иҷлосияи 67-уми МУ СММ иброз дошт, ки мувофиқи санадҳои байналмилалӣ, ҳаққи комил дорад, ки захираҳои табиии худ, аз ҷумла нирӯи барқро ба манфиати мардуми худ истифода барад. Дар баробари ин бори дигар иброз гардид, ки Тоҷикистон зимни истифода аз зарфиятҳои гидроэнергетикии худ нияти пайгирӣ намудани танҳо манфиатҳои худ ба зиёни тараферо надорад ва ҷонибдори самимии ҳамкории мутақобилан судманди минтақавӣ мебошад.

Тоҷикистон тавсеаи роҳҳои нақлиётиву коммуникатсиониро ҳамчун омили муҳими рушди кишварҳо дониста, аз минбарҳои гуногуни байналмилалӣ даъват борҳо даъват намудааст, ки тамоми монеаҳои сунъӣ ва аз назари иқтисодӣ беасос дар иртибототи нақлиётиву коммуникатсионӣ байни кишварҳо бардошта шаванд. Чунин мавқеъ ба ҳадафи стратегии кишвар - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мувофиқ мебошад. Ҷониби Тоҷикистон дар Иҷлосияи 67-уми МУ СММ таъкид намуд, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари тараққикунандаи маҳсур ба хушкӣ ба сабаби мавқеи ҷуғрофии худ осебпазир аст ва набудани роҳҳои баромад ба баҳр монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди устувори он мебошад. Дар чунин шароит фаъолияти бемамониати роҳҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ, ки Тоҷикистонро аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ҷаҳони хориҷ мепайвандад, аҳамияти ҳаётӣ пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, чунин масъалагузориҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи доимӣ дошта, мусоидат ба ҳалли онҳо чун ҳадафи авлавиятнок муайян шудааст. Бино бар ин, ин мавзӯъҳо минбаъд низ аз ҷониби Тоҷикистон дар тамоми сатҳҳо ва форматҳо ба баррасӣ кашида шуда, ҷиҳати сафарбар намудани зарфиятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли онҳо ҷиддан кӯшиш ба харҷ хоҳад дод. Зеро ҷониби Тоҷикистон мутмаин аст, ки бидуни ҳаллу фасли ин мушкилотҳои глобалӣ дастрасӣ ба рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва қашшоқӣ, таъмини сулҳу субот дар саросари дунё имконнопазир аст.

Шерали Джононов

Международно-правовые акты в правовой системе Республики Таджикистан (теоретические аспекты)

Стремительное развитие международных отношений, глобализация политических, экономических, социальных, культурных и других связей приводит к повышению роли международного права в международных отношениях и международной системе. Это, безусловно, влияет на развитие национальных политико-правовых систем.

В этой связи, И.И. Лукашук подчеркивал, что «развитие международного права, углубления его взаимодействия с национальным правом определяется интернационализацией общественной жизни. Взаимозависимость и единства мира требуют, чтобы национальные политико-правовые системы мира строились как части единой глобальной системы, чтобы они были способны взаимодействовать друг с другом и с системой международных отношений в целом. От взаимодействия с внешней средой в растущей мере зависит решение внутренних задач»[1].

Касаясь позиции международного права в международной системе, Г.И. Тункин отмечает, что «международное право надо рассматривать как часть международной системы»[2]. Вместе с тем, Д.Б. Левин касаясь проблемы международных отношений, считал (исходил и того что со стороны каждого государства), что «соблюдение норм международного права становится непременным основанием правомерности внешней политики и дипломатии каждого государства»[3].

1. Лукашук И.И. Международное право. Общая часть. «БЕК», 1997. С.219.
2. Тункин Г.И. Основные проблемы советской науки международного права// Советский ежегодник международного права, 1976.М.,1978,С.13
3. Левин Д.Б. Международное право, внешняя политика и дипломатия. М. «Международная политика» 1981. С.32.

Наиболее важным моментом является применение норм международного права не только в системе международных отношений, но со стороны его субъектов, что чётко обозначено в законодательстве Республики Таджикистан. Статья 10 Конституции Республики Таджикистан является важной основой, которая определяет место норм и принципов международного права в правовой системе страны и тем самым признает их важную роль в регулировании отношений в государстве, что вытекает из принципа добросовестного выполнения международных обязательств.

Конституция Республики Таджикистан констатирует, что международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международно-правовым актам, применяются нормы международно-правовых актов[1].

Как следует из данной нормы, Конституция Республики Таджикистан говорит о «международно-правовых актах», а в Законе Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан» понятия «международно-правовой акт» и «международный договор», по своей сущности и своему содержанию требуют их исследования и раскрытия.

Изучения данной проблематики, показывает, что со времени принятия Конституции Республики Таджикистан в 1994 г., впервые закрепившей положение о международно-правовых актах, как составной части правовой системы Республики Таджикистан, как в общей теории права, так и в теории международного права не было целостного концептуального исследования данной проблемы в единстве теоретических, правовых и прикладных аспектов. Работы, которые были завершены в этой сфере, либо касаются отдельных вопросов, либо носят отраслевой характер, или содержат только теоретический или правовой анализ. Приходиться признавать, что такие исследования не опираются на достаточно обширную и доказательную практическую основу, на изучение практики действия норм.

Вопрос правовых актов относится к наименее исследованным проблемам, как в общей теории права, так и в других отраслевых науках. Сам термин «международно-правовой акт» не получил

1. Конституция Республики Таджикистан.

широкое применение в юридической литературе по международному праву.

Если на сегодняшний момент, в связи с принятием Закона Республики Таджикистан «О международных договорах», в отношении международных договоров существует установленная определённость, то другой элемент - «международно-правовой акт», требует определенного прояснения.

Существуют целый ряд вопросов, имеющих теоретическое и практическое значение, на которых, к сожалению, нет четких ответов ни в теории международного права, ни в действующем национальном законодательстве.

Также неизбежно возникает вопрос, в каком смысле в Конституции Республики Таджикистан употреблен термин «международно-правовой акт»? Поскольку общепризнанные международно-правовые акты являются частью правовой системы Республики Таджикистан, необходим не только анализ содержания и особенностей реализации норм, зафиксированных этими актами, но и конкретных специфических механизмов включения данных правил в правовую систему Таджикистана. Требуют разрешения и технико-юридические проблемы установления порядка применения норм международного права в законодательстве Республики Таджикистан, поскольку в действующих нормативных правовых актах по-разному делается ссылка на применение международных норм.

Отрадно, что ряд представителей ученых кругов Республики Таджикистан также уделили внимание этому вопросу[1].

На наш взгляд, приступая к анализу места норм международного права и международных договоров в правовой системе Республики Таджикистан, прежде всего, необходимо определить содержание и соотношение основных понятий и терминов. К таковым можно отнести следующие термины и понятия: - «международно-правовые акты», «правовая система», «международный договор» и т.д.

1. Менглиев Ш.М. Гармонизация и унификация гражданского законодательства Республики Таджикистан//Государство и право. Душанбе, 2006., №3 С. 54; Шамсиев Х.Р. Международно-правовые аспекты применения норм валютного контроля// Московский журнал международного права. М., 1997. №4 С. 20-37; Искандаров З.Х. О понятии «международно-правовые акты»//Государство и право. Душанбе,2006. №2.С.73-79; Сулаймонов Ф.С. Место и значение международно-правовых актов в правовой системе Республики Таджикистан. Душанбе, 2008. С.48-56.

Естественно, что выяснение правовых категорий в международном праве, невозможно без обращения к теории права, так как «теория государства и права призвана разрабатывать общие вопросы методологии правоведения».[1] Как отмечал А.Ф. Шебанов: «По отношению к другим правовым наукам общая теория государства и права, несомненно, выступает как общеметодологическая наука, являясь вместе с тем, наукой философской, ибо она дает научное решение основного гносеологического вопроса применительно к государству и праву».[2]

На наш взгляд, прежде всего, необходимо обратить внимание на то, каким образом данные вопросы решаются в теории права и международного права. В этом ключе разделяем позицию Д.А. Керимова, который исходит из того, что «общая теория и права государства и права является обобщающей наукой в системе юридических наук, она и приобретает методологическое значение в этой системе».[3] Л.С. Явич последовательно подчеркивает, что «высокая степень обобщения позволяет общей теории права глубоко проникнуть в сущность права и дать ответ на многие актуальные вопросы».[4]

Автор данной работы, прежде всего, исходить из необходимости исследования понятия правового акта, как ключевого элемента содержания термина «международно-правового акта».

Касательно понятия самого «правового акта» нельзя не согласиться с С.С. Алексеевым, который отмечает, что в юридической науке проблема правовых актов до сих пор не решена. [5]

С.С. Алексеев говорит, что понятие «правовой акт» в основном совпадает с понятием «официального документа, в котором выражаются и закрепляются результаты тех или иных действий и в котором, следовательно, они пребывают».[6] Ю.А. Тихомиров и И.В. Котелевская утверждают такую же идею относительно того,

1. Фельдман Д.И., Курдюков Г.И., Лазарев В.В. Теоретические проблемы методологии исследования государства и права. Казань, 1975. С.13.
2. Шебанов А.Ф. Общая теория государства и права как методологическая наука//Некоторые вопросы советской правовой науки. Кишнев,1968. С.54.
3. Керимов Д.А. Философские проблемы права. М. Издательство «Мысль». 1972. С.18.
4. Явич Л.С. Общая теория права. Ленинград. Издательство Ленинградского Университета, 1976. С.5.
5. Алексеев С.С. Общая теория права. 2-е издание. М., «Проспект», 2008, С. 428.
6. Алексеев С.С. Право: азбука-теория-философия: Опыт комплексного исследования. М. «Статут»,1999. С.77.

что: «правовой акт – это письменный документ».[1] Некоторые ученые считают правовые акты как средства правового регулирования.[2]

С.С. Алексеев под понятием «правового акта» обозначает:

а) действие (поведение), как правило, правомерное, т.е. юридический факт, являющийся основанием тех или иных правовых последствий;

б) результат правомерного поведения, т.е. юридически значимый содержательный элемент правовой системы (юридическая норма, индивидуальное предписание, акт «автономного» регулирования), вошедший в правовую ткань вследствие правотворческой, властной индивидуально-правовой или автономной деятельности субъектов;

в) юридический документ, т.е. внешне словесно-документально оформленное выражение воли, закрепляющее правомерное поведение или его результат.[3]

С.С. Алексеев определяет «правовой акт» надлежащим образом (словесно-документально) оформленное внешнее выражение воли государства, его органов, отдельных лиц, выступающее в качестве носителя содержательных элементов правовой системы – юридических норм, правоположений практики, индивидуальных предписаний, автономных решений лиц и они разнообразны – законы, инструкции, решения юрисдикционных органов, акты-документы администраций, договорные документы и т.п..[4]

С.С. Алексеев при этом исходит из того, что правовые акты имеют следующие общие черты:

1) выраженность в словесно-документальном виде;

2) волевой характер;

3) закрепление в акте содержательных элементов правовой системы – юридических норм, правоположений практики, индивидуальных предписаний, автономных решений лиц.

Данную позицию нельзя не поддержать, потому что, дальнейшее развитие данной теории в юридической доктрине исходило именно из этих базовых понятий.

1. Тихомиров Ю.А., Котлевская И.В. Правовые акты. М.1999.С.17
2. Казанцев М.Ф. Правовое договорное регулирование: исходные общетеоретические вопросы//Научный ежегодник Института философии и права Уральского отделения Российской академии наук. Выпуск 2. Екатеринбург, 2001.
3. Алексеев С.С. Общая теория права. 2-е издание. М., «Проспект», 2008., С. 428
4. Алексеев С.С. Там же.

Обращает на себя внимание и позиция В.В. Иванова о правовом акте, где он говорит, что «правовая деятельность субъектов представляет собой совершенствование правовых актов – актов правотворчества, актов правоприменения, актов толкования, актов реализации прав и обязанностей. К их общим свойствам относятся: 1) волевое содержание; 2) внешнее выражение; 3) правовая направленность».[1]

С.С. Алексеев уточняет, что «Как источник юридических явлений, правовой акт выступает в качестве инструмента конституирования и формы, обеспечивающих введение, изменение этих явлений. Правовой акт представляет собой средство воздействия на содержательные элементы правовой системы, придания им необходимых свойств».[2]

Как форма существования юридических норм, других содержательных элементов правовой системы - утверждает он,- правой акт представляет собой способ фиксирования их жизни, служит местом их пребывания, «удержания во времени».[3]

Определение правового акта в правовой доктрине было сформулировано также Р.Ф. Васильевым, который утверждает, что: «Волеизъявление управомоченного субъекта права, регулирующее общественные отношения путем установки (изменения, отмены, изменения сферы действия) правовых норм, а также установления (изменения, прекращения) конкретных правоотношений, результаты которых в виде велений, обращений, соглашений и т.п. установленных законом фиксируются в документарной форме (акты-документы)».[4]

Однако, В.В. Иванов выражая свое несогласие с этим мнением, говорит, что «при всех достоинствах приведенного определения следует признать, что оно не полностью отражает сущность понятия правового акта».[5]

Он, полемизируя с Р.Ф. Васильевым, приводит следующие аргументы относительно неприемлемости его определения. Во-первых, установление нормы предполагает прямо или опосредствованно установление («запуск») правоотношения. Во-вторых,

1. Иванов В.В. Общая теория договора. М. Юристъ, 2006.С.16.
2. Алексеев С.С. Общая теория права. 2-е издание. М., «Проспект», 2008., С. 429.
3. Алексеев С.С. Там же, с430.
4. Васильев Р.Ф. О понятии правового акта// Вестник Московского университета. Серия 11. Право.1998.№5.С.25.
5. Иванов В.В. Общая теория договора. М. Юристъ, 2006.С.16.

правильнее говорить, что волеизъявление устанавливает не правовую норму или правоотношение (правоотношения), а правовой результат. В-третьих, объектом (предметом) правового регулирования выступает воля субъектов права, т.е. в конечном счёте, их поведение. В-четвертых, не всякий правовой акт предполагает «регулирующее» волеизъявление. В-пятых, изменение, отмена правовых результатов производиться посредством установления новых правовых результатов. В-шестых, правовой акт – это не просто волеизъявление субъектов права, это волеизъявление, совершенное в соответствующей необходимой форме, диктуемой спецификой правового результата и процесса его установления.[1]

Суммируя вышесказанное, В.В. Иванов видит структурно правовой акт как совокупность шести элементов:

1) субъекта, чей статус позволяет или обязывает совершать соответствующие волеизъявления;

2) объекта – воли, т.е. как уже говорилось, в конечном счёте поведения самого субъекта акта и (или) иных субъектов права;

3) содержания, т.е. собственно волеизъявления;

4) формы, в которой совершается волеизъявление;

5) цели, т.е. волевой направленности;

6) результата – правовой нормы, индивидуального правового установления, интерпретации правовой нормы или индивидуального правового установления, правоотношения, действия, реализующего субъективного права или обязанность.[2]

Аммо, мутаассифона ҳодисаҳои минбаъдаи соли 1992 ин дастовардҳои ҷумҳуриро дар сиёсати хориҷӣ зери хатар гузоштанд. Аз баҳори соли 1992 камкунии шумораи кормандони аксари намояндагиҳои хориҷӣ оғоз гардида, баъзеи онҳо ҳатто фаъолиятро хотима дода, кишварро тарк намуданд. Ҳамкориҳои байнидавлатӣ то сатҳи пасттарин расида, қариб қатъ гардиданд. Оиди муносибати давлат ба сиёсати хориҷӣ фикрҳои мухталиф ва баъзан дуҳӯра садо медоданд. Роҳбарияти давлат ва Вазорати корҳои хориҷӣ вазифадор буданд сиёсати хориҷиро ба куллӣ аз нав дида бароянд, ки дар он шароит иҷрояш хеле мураккаб буд.

Бо боварии комил зикр намудан мумкин аст, ки танҳо пас аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолшавии сиёсати хориҷии Тоҷикистон оғоз гардид. Чанде пас дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ, ки моҳи декабри соли 1993 доир гардид, аз тарафи роҳбари давлат муқаррароти консептуалӣ ва асосҳои фундаменталии раванди нави сиёсати хориҷӣ равшану возеҳ тазаккур ёфт.

Роҳбарияти давлат дар баробари барқарор намудани муносибатҳои стратегӣ бо кишварҳои минтақа, сиёсати «дарҳои боз» -ро эълом дошта, тавассути он барои Тоҷикистон аҳамият

доштани рушду таҳкими робитаҳоро бо кишварҳои дигари ҷаҳон собит намуд.

Моҳи сентябри соли 1993 аввалин маротиба дар таърихи давлат, ҳайати олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи 48-уми Ассамблеяи генералии СММ иштирок кард, ки инро, аз ҷумла, ҳамчун дастоварди фаъолияти намояндагони Тоҷикистон дар ин ташкилоти бонуфуз номидан мумкин аст. Маърӯзаи роҳбари ҳайат – Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди СММ барои муаррифии сиёсати давлат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, тавсеаи доираи кишварҳои эътирофкунандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои дигар, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вазъи мураккаби кишвар аҳамияти хоса дошт.

Дар як вақт намояндагони ҷумҳурӣ ҷиҳати аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ қабул гардидани ҳуҷҷатҳои муҳим оид ба чораҳои танзимкунандаи муноқишаи шаҳрвандӣ дар кишвар пайваста фаъолият менамуданд. Моҳи декабри соли 1992 вазирони корҳои хориҷии Шӯрои амнияти Аврупо оиди зарурати оғози музокироти сиёсии тарафҳои мухолиф дар Тоҷикистон даъват ба амал оврда, дар ин хусус ҳуҷҷати дахлдор қабул намуданд. Моҳи январи соли 1993 бошад, Шӯрои саронии давлатҳои ИДМ дар шаҳри Минск оид ба чораҳои иловагии танзимкунанда дар Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани сарҳадоти берунии Иттиҳод қарор қабул кард ва моҳи июли ҳамон сол, Шӯрои Аврупо доир ба Тоҷикистон Изҳорот паҳн намуд, баъдан моҳи декабри ҳамон сол Шӯрои амнияти СММ оиди ба эътидол овардани вазъияти Тоҷикистон Қатънома қабул кард.

Дар ин давра заминаҳои асосии ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва сохторҳои молиявию илмии ин созмонҳо гузошта шуданд. Ин бошад, ҷиҳати ба манфиатҳои миллӣ истифода бурдани имкониятҳои молиявӣ ва ҷалб намудани инвеститсияҳо ба кишвар мусоидат намуд.

Маҳз дар ибтидои солҳои 90-ум Тоҷикистон аҳднома ва созишномаҳои поягузори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба имзо расонда, ба ҳуҷҷатҳои муҳимтарини СММ ҳамроҳ гардид ва онҳоро тасвиб намуд.

Ҳамаи ин дастовардҳо, бешубҳа, натиҷаи амалисозии роҳи сиёсии муайяннамудаи роҳбарияти давлат аз тарафи умури хориҷии кишвар буданд.

Дар баробари фаъолгардонии ташаккули заминаи шартномавию ҳуқуқии байналмилалӣ ва пайваста ба низом даровардани механизмҳои таъмини манфиатҳои стратегии миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ, дипломатияи тоҷик дар ҷараёни гуфтушунидҳои байни тоҷикон фаъолона иштирок намуд.

Намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар раванди мувофиқа ва танзими лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо оид ба шарту шароити оташбаси муваққатӣ, мубодилаи асирони ҳарбӣ, мусоидат ҷиҳати ба танзим даровардани низоъ, баргардонидани гурезагон аз хориҷи кишвар, дастгирии моддию молиявӣ фаъолона иштирок намуданд, ки дар ҳуҷҷатҳо дарҷ гардида, дар рафти музокирот ба имзо расонида шуданд.

Тӯли ҳашт даври гуфтушунид намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар кишварҳои иқомат ва намояндагони ҷумҳурӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати мувофиқаи масъалаҳои баррасишаванда, ташкили вохӯриҳо, таҳияи лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои дахлдор фаъолият бурда, инчунин ҷиҳати расонидани иттилооти ҷамъбастии гуфтушунидҳо бо воситаҳои ахбори омма кор мебурданд.

Дар рафти даври якуми гуфтушунид, ки зери таъсири амалиёти мухолифин наздики сарҳадоти Афғонистон, дар шароити хеле мураккаби ҳарбию сиёсӣ ҷараён гирифта буд, чораҳои ба эътидол овардани вазъи дохилии сиёсӣ, баргардонидани гурезагон, инчунин масъалаҳои асосии ҳимояи сохти конститутсионии давлат муҳокима гардиданд. Чун натиҷа, дар даври дуюми гуфтушунид Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи амалиёти душманона дар сарҳадоти Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар ба имзо расид ва аввалин асирон озод карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми гуфтушунидҳои даври дуюм ва сеюм, ки дар Техрону Исломобод гузаштанд, дар раванди мусолиҳа ва ризоият таҳаввулоти амиқ ба назар расид ва имконияти гузаронидани музокирот дар ҳудуди кишварҳои ИДМ муҳайё гардида, раванди ба Тоҷикистон ҳозир шудани нозирони СММ тезонида шуд.

Дар ин муддат Парламенти ҷумҳурӣ дар хусуси авфи сиёсӣ қарор қабул кард, ки мухолифини силоҳбадастро аз муттаҳамсозӣ ва таъқиб раҳо намуд. Боиси қайд аст, ки ин қарор аз тарафи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите қабул шуд, ки дар дохили кишвар ва назди сарҳад фаъолияти бовусъати силоҳбадастон ба назар мерасид.

Умури хориҷии ҷумҳурӣ бо ҳайати нозирони СММ ва мушоҳидачиёни ҳарбӣ, ки дар кишвар ҷиҳати назорати иҷрои Созишномаи Теҳрон ҳозир буданд, ҳамкории бевоситаро ба роҳ монд. Инчунин бо ҳайати Раёсати Олии Комиссари СММ оид ба гурезагон ҷиҳати баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезагони тоҷик аз Афғонистон ва ба ҳаёти осоиштаву равандҳои солими ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо робитаҳои боварибахш ба роҳ монда шуданд.

Дар рафти даври чоруми гуфтушунид дар шаҳри Алмаато Протокол ба имзо расид, ки дар он принсипҳои асосии пойдории сулҳ ва аҳамияти он муайян гардиданд.

Бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рафти музокирот оиди эъломи авфи умумӣ, ҳалли масъалаҳои гурезагон дар мадди аввал гузошта шуда, ба сарварони мухолифин як қатор вазифаҳои роҳбарикунанда дар ҳукумат пешниҳод гардид. Ӯ, инчунин мухолифинро даъват намуд, ки ба раванди созандаи сиёсати дохилӣ ҳамроҳ шуда, ҳизбҳои худро муташаккил ва дар фаъолият воситаҳои ахбори оммаро васеъ истифода баранд.

Дар даври панҷуми гуфтушунид, ки дар шаҳри Ашқобод доир гардид, Изҳороти муштарак дар бораи қатъ намудани амалиёти ҷангӣ, риояи Созишномаи Теҳрон ва Протокол дар бораи амалиёти башардӯстона оид ба мубодилаи асирони ҳарбӣ ва маҳбусон қабул гардид.

Даври шашум, ҳафтум ва ҳаштуми гуфтушунидҳо, ки дар Теҳрону Машҳад ва Бишкеку Москва баргузор гардиданд, механизми танзими мусолиҳаро қувват бахшида, барои имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва Протоколи тафоҳуми он марҳилаи поягузор гардиданд.

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи корбарии умури хориҷӣ ва намояндагиҳои хориҷии ҷумҳурӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҳомӣ, намояндагони махсуси Котиби генералии

СММ дар Тоҷикистон, намояндагони САҲА, Созмони Конфронси Исломӣ, мушоҳидачиёни кишварҳои кафил – Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Покистон дар ҳамаи даврҳои гуфтушуниди байни тоҷикон иштироки фаъол доштанд.

Фаъолияти муҳими сиёсиро дар рафти гуфтушунидҳо махсусан мақомоти корҳои хориҷии Эрон, Покистон, Россия ва Туркманистон зоҳир намуданд. Қобили қайд аст, ки пеш аз даври ҳаштум ва охирини музокирот, 5 апрели соли 1997 роҳбарони умури хориҷии кишварҳои минтақа дар шаҳри Душанбе вохӯрии машваратӣ доир намуданд, ки дар он вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон - Т. Назаров, Қазоқистон - Қ. Токаев, Қирғизистон - Р. Отунбаева, Ӯзбекистон - А. Комилов ва муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Россия Б. Пастухов иштирок намуданд. Ин машварат дар муайянсозии муқаррароти асосии сиёсии ҳуҷҷати ҷамъбастии байни тоҷикон - Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон саҳми босазо гузошт.

Дар асоси созишномаи мазкур Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд, ки онро роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдулло Нурӣ сарварӣ намуд. Ба ҳайати Комиссия дар қатори намояндагони сохторҳои давлатӣ ва Иттиҳоди мухолифин, инчунин аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ низ шомил гардиданд.

Комиссияи оштии миллӣ аз 4 апрели соли 1997 то 1 апрели соли 2000 фаъолият намуда, дар маҷмӯъ 112 ҷаласаи он доир гардид. Тайи ин муддат асосан масъалаҳои сиёсӣ ҳалли худро ёфтанд.

Дар натиҷа, ба Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, парлумони дорои ду палата – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд, дар ҳайати Ҳукумат 30 фоизи вазифаҳо ба мухолифин пешниҳод гардид, аксарияти масъалаҳои вобаста ба бозгашти гурезагон ба ватан, инчунин, ҳамроҳкунии силоҳбадастони мухолифин ба сохторҳои қудратии кишвар анҷом дода шуданд.

Дар ҷараёни татбиқи чораҳои дар Созишномаи умумии сулҳ пешбинишуда возеҳ гардид, ки барои мустаҳкам намудани дастовардҳои истиқрори сулҳ, амалисозии ҳадафҳои созанда ва ваҳдату оромӣ, муттаҳид намудани ҳамаи нерӯҳои созандаю ватандӯст, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ зарурат дорад.

Чанде пас пешниҳод гардид, ки дар баробари фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ, созмоне ташкил карда шавад, ки фарогири доираи васеътари аҳолӣ бошад ва дар натиҷа «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Мақсади асосии ташкилоти мазкур устувор намудани ғояҳои ваҳдату ягонагии миллат дар мағзу шуури зинаҳои гуногуни ҷомеа ва бо ин роҳ гузоштани таҳкурсии мустаҳкам барои муттаҳидсозии халқ маҳсуб меёфт. Имрӯз бо боварии комил изҳор намудан мумкин аст, ки ҳам Шӯрои ҷамъиятӣ ва ҳам Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи дастовардҳои сулҳ ва ягонагии миллӣ нақши муҳим бозиданд.

Тафовути музокироти байни тоҷикон аз дигар чунин гуфтушунидҳо дар он буд, ки дар он ҷонибҳоро аз як тараф ягонагии этникӣ, мансубият ба дини ягона (ислом) ва ҳамоии манфиатҳо ба ҳам муттаҳид сохта, ҳамзамон фарқияти минтақавӣ, мавқеи гуногун оиди сохти давлатдорӣ - ҳукумат тарафдори сохти давлати дунявӣ ва мухолифин ҷонибдори сохти давлати исломӣ, байни онҳо тафриқа меандохт.

Нисбати аҳамият ва нақши муҳими Созишномаи сулҳи байни тоҷикон, умуман оиди дар таҷрибаи ҷаҳонӣ падидаи нодир ба ҳисоб рафтани он, фикру ақидаҳои зиёди таҳлилгарон ва коршиносон изҳор гардида, роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба он баҳои баланд додаанд.

Дар яке аз баромадҳои худ оиди аҳамияти Созишномаи сулҳ Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда қайд намуд, ки «…арзиш ва аҳамияти ҳуҷҷати сулҳи тоҷикон ба Эъломияи истиқлолияти мо баробар аст. Зеро агар яке ба мо соҳибихтиёриро ато карда бошад, ҳуҷҷати дигар сулҳу истиқрор ва ваҳдати миллиро дар сарзамини азияткашидаи мо таъмин намуд».

Бояд қайд кард, ки имзои ҳуҷҷат дар бораи сулҳ, пеш аз ҳама давлат ва миллатро наҷот бахшид. Таърих борҳо гувоҳи он будааст, ки ҳангоми ба миён омадани муноқишаву низоъи дохилӣ давлатҳо ва халқу миллатҳо пурра аз байн рафта ва ё пароканда шуда, тобеи дигар давлатҳои абарқудрат мегардиданд.

Дар ин бора собиқ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кофӣ Аннан қайд намуд, ки «Тоҷикистон ба аксари давлатҳо таҷрибаи беҳамтои ҳалли муноқишаҳои дохилиро пешниҳод намуд. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эъмори сулҳ мебошад».

Аҳамияти нодири мусолиҳаи байни тоҷикон боз дар он аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ тавонист ба ин раванд мухолифини силоҳбадастро ҷалб намуда, бо он дар сари як мизи музокирот нишинад ва вазифаҳои ҳукуматиро бо ҳам дида, якҷоя давлатро идора намояд.

Вобаста ба ин Президент Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардааст: «Хуб дар хотир дорам, ки дар рафти музокироти байни тоҷикон моҳи декабри соли 1996 ҳамаи кӯшишҳои ман барои моил намудани роҳбарони мухолифин ба ҳамдигарфаҳмӣ ва гузашт ба хотири манфиатҳои волои миллат, аз тарафи баъзе ҳаммаслаконам ғайри дурандешона зери танқид гирифта, онҳо чунин мешумориданд, ки намояндагони мухолифин барои ворид шудан ба сохторҳои ҳукуматӣ сазовор нестанд. Маро ҳатто дар тарс ва хиёнат гунаҳкор карданд, гӯё ман бо роҳбарони мухолифин забон як карда, дар паси сарварони ҷабҳаи халқӣ амал мекарда бошам…».

Тавре аксарияти сиёсатмадорони байналмилалӣ қайд намуданд, дар вазъияти душвори он солҳо муттаҳидсозии нерӯҳои солими ҷомеа маҳз ба шарофати иродаи қавии сиёсӣ ва сифатҳои баланди маънавии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид. Аммо нақши мардуми Тоҷикистон, ки бо иродаи қавӣ, суботи қатъӣ барои мусолиҳа ва ҳамдигарфаҳмӣ чидду ҷаҳд намуд, алалхусус боиси сипосгузорист.

Дар раванди истиқрори сулҳи тоҷикон созмонҳои байналмилалӣ - Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои он, аз ҷумла, намояндаи Комиссари олии СММ оид ба гурезагон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ оид ба тандурустӣ ва кӯмак ба кӯдакон, дигар роҳбарон ва намояндагони давлатҳои дӯст ва кишварҳои кафил саҳми назаррас гузоштанд.

Кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ дар раванди мусолиҳаи тоҷикон нақши бузург бозидаанд. Муроҷиатнома ба унвони Раиси Шӯрои амнияти СММ дар бораи гузаронидани амалиёти фарогири сулҳовари СММ, ки онро Президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расониданд, саривақтӣ ва хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавассути ин қарор ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оиди ба қуввахои ИДМ додани

мақоми «қувваҳои сулҳофари СММ», ки 30 сентябри соли 1994 дар рафти ҷаласаи Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод гардид, дастгирӣ ёфт. Дар натиҷа ба Тоҷикистон барои ҳифзи сарҳадот бо Афғонистон қисмҳои махсуси ҳарбӣ аз Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон фиристода шуданд. Мутаассифона, дар рафти амалиёти ин қувваҳо ҷавонмардони зиёди муҳофиз талаф ёфтанд.

Дар рафти ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар шаҳри Алмаато соли 1995 Меморандум дар бораи нигоҳдории сулҳ ва истиқрор дар ИДМ ба имзо расида, масъалаи таъсис додани системаи ягонаи амнияти дастҷамъӣ ҳал карда шуд. Дар нимаи дуюми моҳи октябри соли 1995 дар шаҳри Москва Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ бо қарори худ мӯҳлати будубоши Қувваҳои муштараки сулҳофар дар Тоҷикистон ва чораҳои ба эътидол овардани вазъро дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон тамдид намуд.

Бояд тазаккур дод, ки иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳро барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон боз карда, поягузори ҳамдигарфаҳмӣ, ризоияти миллӣ ва мусолиҳаи тоҷикон гардид.

Маҳз ба шарофати ду воқеаи таърихӣ - Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имзои Созишномаи сулҳ, дар Тоҷикистон муяссар гашт, ки асосҳои давлатдорӣ ва шоҳаҳои фалаҷшудаи ҳокимият барқарор, ва пойдевори истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мустаҳкам карда шавад. Муҳим он, ки дар кишвар ваҳдату ягонагӣ, сулҳ ва устуворию иҷтимоиву сиёсӣ, фазои озоду созанда ҳукмфармо гардид.

Аз соли 1997 сар карда, мардуми Тоҷикистон ҳамасола санаи 27 июнро ҳамчун Рӯзи ваҳдати миллӣ ҷашн мегирад. Тайи ин солҳо давлати мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, онро аксарияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ эътироф карданд. Тоҷикистон дар доираи ин созмонҳо имрӯз метавонад дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим иштирок намояд.

Ҷумҳурии соҳибихтиёри Тоҷикистонро 147 кишвари дунё эътироф карда, бо 122 – тои он муносибатҳои дипломатӣ муқаррар гардидаанд. Ин ҳолат баланд гардидани нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Имрӯз Тоҷикистон узви зиёда аз 50 созмонҳои байналмилалӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои муҳими байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд.

Дар ин муддат Тоҷикистон ба сифати ҳаммуаллифи ташаббусҳои гуногуни байналмилалӣ дар таҳкими сулҳ ва истиқрор, аз ҷумла дар Афғонистон баромад кард. Бо ибтикори Тоҷикистон ҳамасола 22 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии об қайд карда мешавад.

Тоҷикистон имрӯз маркази баргузории форум в конференсияҳои байналмилалӣ гардидааст. Ҳамин тавр, соли 2010 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи олӣ оид ба таҳлили миёнамӯҳлати ҷараёни иҷрои тадбирҳои Даҳсолаи байналмилалии «Об - барои ҳаёт», 2005-2015 доир гардид.

Тоҷикистон, инчунин майдони баргузории ҷаласаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Евразия, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ гардидааст.

Дар доираи ин созмонҳо Тоҷикистон пайваста ҷиҳати ҳамгироии воқеии иқтисодиёти кишварҳои аъзо – ташаккули минтақаи савдои озод ва иттиҳоди гумрукӣ, ташкили системаи ягонаи танзими гумрукӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд.

Дар ин силсила банди асосӣ ва муҳимро дипломатияи пешгирикунада (превентивӣ) ва истифодаи моҳиронаву саривақтии имкониятҳоти он ба зима дорад. Аз назари таърих дар муддати нисбатан кӯтоҳ дипломатияи тоҷик низ ҳамаи мушкилоти дохилӣ ва берунии давраи ташаккули давлати ҷавони демократиро паси сар карда, дар инкишофи худ муваффақиятҳои муайянеро ноил гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таърихи навину навтарини дипломатияи тоҷикро бо ҳам тавъам номида, аз ҷумла чунин зикр намуд: «Таърихи дипломатияи кишвар сармояи сиёсӣ ва маънавиест, ки метавонад ва бояд судбахш бошад. …Ҳақиқати ҳол он аст, ки дар ибтидои солҳои 90-уми садаи сипаригашта мо аз варақи тоза не, балки аз саҳифаи навине кор оғоз карда будем».

Имрӯз, дар шароити ҷаҳонишавӣ, Тоҷикистон бо вусъати ҳамкорӣ бо шарикони асосии сиёсӣ ва иқтисодии худ, дар самти бозсозии сохтори иқтисодӣ, - дастгирии устуво-

рии макроиқтисодӣ, ташаккули муҳити рақобатнок барои истеҳсолкунандагон, беҳгардонии фазои инвеститсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ инкишоф ёфта истодааст.

Дар кишвар имрӯз ҷиҳати таъмин намудани рушди бахшҳои саноат ва кишоварзии иқтисодӣ як қатор чорабиниҳо андешида шуда, модернизатсияи сохторҳои истеҳсолот, раванди ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истеҳсоли маҳсулот ва коркарди ашёи хом ба роҳ монда шудааст.

Таҳлили қиёсии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ вусъатёбии амиқи онро дар солҳои охир нишон дод.

Дар кишвар барои инвеститсияҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Имрӯз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ зиёда аз 60 лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба маблағи умумии 3,5 млрд.доллари ШМА амалӣ шуда истодаанд.

Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон нақши намояндагиҳои дипломатиро ҷиҳати ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ ба кишвар таъкид намуда, онро аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа номид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи ҳисобот дар соҳаи «Соҳибкорӣ-2010»-и Бонки умумиҷаҳонӣ дар байни 183 кишвари ҷаҳон яке аз 10 давлати фаъолтарини ҷорикунандаи ислоҳот арзёбӣ гардидааст.

Бояд қайд кард, ки гарчанде иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон пурра инъикосгари хусусиятҳои иқтисодиёти давраи гузариш бошад ҳам, он ҳамчун иқтисодиёти озод, то андозае зери таъсири бевоситаи омилҳои берунӣ ва шароитҳои бозори ҷаҳонӣ қарор дорад.

Тоҷиконро аз қадим ҳамчун миллати сулҳҷӯй, созанда ва фарҳангсоз мешиносанд. Тӯли асрҳои мавҷудияташ, новобаста аз мушкилоту монеаҳое, ки мунтазам садди роҳ мегарданд, ин миллат тавонист хусусиятҳои ба худ хоси созанда ва хирадиазалиро нигоҳ дорад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир, ки тағйиротҳои иҷтимоии харобиовар, задухӯрд ва хунрезиҳои шадид зиёд ба амал меоянд, таҷрибаи бо роҳи дипломатӣ ба эътидол овардани низоъ бағоят муҳим аст. Бинобар ин, аҳамияти истифодаи таҷрибаи нодири Тоҷикистон дар ҳалли низоъ торафт афзоиш меёбад.

МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

Нуриддин Шамсов

Самтҳои асосии рушди муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва ШМА дар марҳилаи ҳозира

Дар солҳои охир муносибатҳои дуҷонибаи дӯстона миёни Тоҷикистон ва ШМА марҳилаи ҳамкории сиёсӣ ва иқтисодӣ-тиҷоратии худро тай намуда, имрӯз то ба сатҳи пайвандҳои шарикона такомул ёфтааст.

Ҷиҳати боло бурдани обрӯю эътибори давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, омодагӣ ба ҷашни бистсолагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаррифии самтҳои афзалиятноки кишвар дар шумораи моҳи апрели соли 2011 дар маҷаллаи бонуфузи доираҳои сиёсӣ ва дипломатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка–«The Washington Diplomat», замимаи махсус таҳти унвони «Тоҷикистон – шарики стратегӣ дар минтақаи бӯҳронӣ» нашр гардид. Маҷаллаи мазкур аз бист саҳифаи формати 27Х37 см. иборат буда, дар он оид ба мавзӯъҳои муҳим аз қабили таърихи халқи тоҷик, рушди соҳаҳои энергетика, хадамоти бонкӣ, сармоягузорӣ, нақлиёт ва туризм мақолаҳо ҷой дода шудаанд. Дар бахши махсуси маҷалла мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи "Президент Раҳмон ба кушодани Тоҷикистон барои Ҷаҳон омода аст" ба табъ расидааст.

Ҳамзамон, дар маҷаллаи мазкур мусоҳибаи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо хабарнигори он мавриди назар қарор дода шудааст. Дар мусоҳиба, аз ҷумла, зикр шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ дар асоси аҳкоми конститутсионии гуногунандешии сиёсӣ, принсипҳои асосии муносибати давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, таъмин намудани хусусияти дунявии таҳсилот дар

муассисаҳои таълимии давлатӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодиҳои шаҳрвандон ба роҳ монда шудааст.

Моҳи марти соли 2011 дар Конгресси ШМА мулоқоти навбатии гурӯҳи ҷонибдорони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Конгресс доир гашт, ки зимни он мавзӯоти вобаста ба рушду тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамгироии минтақавӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, таъмини амният ва бехатарии марзҳои сарҳадӣ, ҳаллу фасли мушкилоти умдаи минтақавӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Зимни он Раиси Зеркумита оид ба масъалаҳои Осиё, Уқёнуси Ором ва муҳити зисти глобалии Конгресси ШМА Эни Фалеомавега қайд кард, ки минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷӯҳи махсуси Конгресс қарор дорад. Намояндаи Конгресс ва аъзои Зеркумитаи сиёсати хориҷӣ дар Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ Ден Бёртон таъкид намуд, ки "минтақаи Осиёи Марказӣ барои ШМА муҳим ва стратегӣ арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти ин дар фурсатҳои наздик бояд ба гурӯҳи бонуфузи аъзоёни Конгресс ба кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, ба Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст".

Дар маҳфили номбурда ҷониби Тоҷикистон таъкид сохт, ки ҷонибдори вусъат додани ҳамкориҳои судманд ва гуногунҷанбаи тиҷоратӣ–иқтисодӣ, фарҳангӣ ва байнипарлумонӣ бо ШМА мебошад. Ҳайати кишвар аз баррасии мавзӯи обу энергетика дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби Сенат ва ҳисоботи сенаторҳо Ҷ. Керри ва Д. Лугар чиҳати дастгирии лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон изҳори сипосгузорӣ кард.

Моҳи апрели соли 2011 Машварати сиёсии дуюм миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ва Муовини Котиби Давлатии ШМА оид ба Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Роберт Блейк бо муваффақият кори худро анҷом дод. Рузномаи Машварати сиёсӣ рушди ҳамкории дуҷонибаро дар соҳаҳои иқтисодиёт ва савдо, энергетика, таҳкими сулҳу субот дар Афғонистон, таъмини амнияти сарҳадҳои ҷанубӣ ва муборизаи дастҷамъона бар зидди маводди мухаддир, ислоҳоти хоҷагии қишлоқ, мубодилаи донишҷӯён, ҳуқуқи инсон ва идоракунӣ баррасӣ на-

муд. Ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки бо мақсади вусъат бахшидан ба муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ дар ҳошияи чорабинии номбурда Форуми соҳибкорони ҳарду кишварро барпо намоянд.

Дар ҷараёни мулоқот намояндаи Агентии рушди байналмилалии ШМА (USAID) изҳор дошт, ки маблағгузорӣ барои дастгирии барномаҳои соҳаи маориф барои Тоҷикистон афзудааст. Дар ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ пешравиҳо ба назар мерасанд ва агентии мазкур дар ин самт барномаҳои мухталифро барои Тоҷикистон ба маблағи 13,3 миллион доллари америкоӣ амалӣ карда истодааст.

Моҳи сентябри соли 2011 дар шаҳри Вашингтон чорабинии махсус бахшида ба баррасии натиҷаҳои машварати дуҷонибаи сиёсии номбурда барпо шуд. Роберт Блейк – Муовини Котиби Давлатии ШМА оид ба Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ сатҳи муносибатҳои ШМА ва Тоҷикистонро баланд арзёбӣ намуд. Ҳамзамон, номбурда таъкид кард, ки ШМА нақши мусбии Тоҷикистонро дар таъмини субот ва амният, барқарорсозии иқтисодиёти Афғонистон муҳим мешуморад.

Зимни сӯҳбат ӯ аз мулоқоти самараноки худ бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ дар чаҳорчӯби иҷлосияи Маҷмаи Умумии СММ дар Ню-Йорк ёдовар шуд ва онҳоро мутақобилан судманд арзёбӣ кард. Роберт Блейк иброз дошт,ки ШМА ташаббусҳои Тоҷикистонро ҷиҳати пайвастан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дастгирӣ менамояд ва омода аст бо Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт ҳамкории созандаро ба роҳ андозад.

22 октябри соли 2011 дар Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Котиби Давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка Ҳиллари Клинтон дар чаҳорчӯби сафари расмии ӯ ба кишвар баргузор шуд. Сарвари давлат ташрифи Ҳ. Клинтонро нишонаи таваҷҷӯҳи хоссаи Америка ба Тоҷикистон ва минтақа арзёбӣ намуд. Ҳиллари Клинтон ба нақши Тоҷикистон дар минтақа, хусусан ба саъю талошҳо ҷиҳати барқарорсозӣ ва эҳёи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон баҳои баланд дода, ба роҳбарияти сиёсӣ ва ҳукумати кишвар барои мавқеъгирии созанда ва пурсамар дар ҳаллу фасли мушки-

лоти минтақавӣ арзи сипос намуд. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо доир ба маҷмӯи васеи масоили ҳамкории дуҷониба, минтақавӣ, байналмилалӣ ва ҳамгироӣ баҳри ба эътидол овардани вазъ дар Афғонистон табодули назар анҷом доданд.

Ҳиллари Клинтон иброз намуд, ки Штатҳои Муттаҳидаи Америка мусоидати амалиашонро ба Тоҷикистон баҳри таҳкими суботу амнияти минтақавӣ, аз ҷумла, тавассути кӯмак ба нерӯҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ идома хоҳад дод. Президенти Тоҷикистон иқдоми ШМА-ро доир ба эҳёи Роҳи нави абрешим, ки ҳадаф аз он эҷоди шабакаҳои пайвастаи иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва таъмини робитаи бемонеаи мардуми Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошад, муҳим ва саривақтӣ муаррифӣ кард.

Таййи марҳилаи сипаригардида машварату музокироти дуҷонибаи мунтазам барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати такони тоза додан ба робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии мутақобилан судманд миёни Тоҷикистон ва ШМА замина гузоштанд. Баррасии иқдомҳои минбаъда дар ин самт, беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва савдою тиҷорат дар Тоҷикистон, мусоидат ба раванди узвияти кишвар ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва ғайра мазмун ва мундариҷаи асосии рӯзномаи чорабиниҳои мазкурро ташкил доданд.

Ҷонибҳо таъкид карданд, ки заминаҳои асосии воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои таҳкими минбаъдаи ин муносибатҳо дар чаҳорчӯби созишномаҳои гуногуни дуҷониба муҳайё карда шудааст. Ҳаҷми савдои дуҷониба миёни ду кишвар дар соли 2010 ба 93,5 миллион доллари америкоӣ расидааст, ки нишондодиҳандаи қонеъкунанда нест. Тоҷикистон мутмаин аст, ки ШМА ба мавқеи Тоҷикистон дар ин мавзӯъ баҳои вақеъбинона дода, ҷиҳати сафарбар кардани имконоти мавҷуда ва ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак саъю талош хоҳад намуд.

Ҳайати Тоҷикистон дар ҷараёни иҷлосияи навбатии Шӯрои ТИФА оид ба бунёди хатҳои интиқол ва содироти барқ ба Афғонистон ҷониби ШМА-ро бо иқдомҳои охирини пешгирифтаи Ҳукумати кишвар барои фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ ва савдову тиҷорат шинос кард. Ҳамзамон таъкид гардид, ки ташкили гурӯҳҳои кории дуҷониба ва бисёрҷониба

дар доираи Шӯрои ТИФА барои рушду инкишофи ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

Ҳукумати ШМА аз иқдомҳои Тоҷикистон ҷиҳати пайвастан ба СУС ва дастовардҳои он дар ин соҳа, бахусус дар таҳия, мутобиқгардонии санадҳои ҳуқуқӣ ва қабули қонунҳои нав, татбиқи ислоҳоти сохторӣ изҳори қаноатмандӣ менамояд. Мақомоти салоҳиятдори кишвари иқомат мутмаинанд, ки ШМА бояд кӯмаку мусоидати минбаъдаашро барои вусъат бахшидан ба ин раванд идома диҳад.

Бархе аз доираҳои сиёсӣ ва коршиносони ШМА бар ин ақидаанд, ки Тоҷикистон эҳтимолан ягона кишвари минтақа аст, ки имконияти бештарро барои ҳалли масъалаҳои ғайринизомӣ дар Афғонистон дорад. Аз ин лиҳоз, шомил шудани Тоҷикистон ба барномаи «Роҳи нави абрешим» ва нақши он дар оянда дар татбиқи пружаҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ дар робита бо раванди барқарорсозӣ ва эҳёи иқтисодии Афғонистон муҳим арзёбӣ мегардад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо озуқа, ашёи хом барои корхонаҳои саноатии мамлакат ва шуғли аҳолӣ мебошад. Рушди ин соҳа, пеш аз ҳама, ба беҳдошти вазъи умумии иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии деҳот мусоидат мекунад. Бо мақсади таъмини рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ Ҳукумати Тоҷикистон то имрӯз якчанд барномаҳои соҳавиро татбиқ намуда, ҷиҳати ҳалли маблағгузории соҳаи пахтакорӣ, рушди соҳаи коркарди меваю сабзавот, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он чораҳои иловагиро амалӣ карда истодааст.

Мутаассифона солҳои охир поён рафтани нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ба фаъолияти аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсири манфӣ расонд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдори Тоҷикистон ва ШМА тасмим гирифтанд, ки ба ҳамкориии дуҷониба дар доираи барномаҳои кӯмак ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва таъмин намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ бо тухмии аълосифати гандум ва пахта вусъат бахшанд. Ҷониби америкоӣ дар робита ба ин мавзӯъ барои гурӯҳи коршиносони Вазорати кишоварзӣ, инчунин соҳибкорони хусусии Тоҷикистон дар доираи барномаи

КОКРАН (COCHRAN) курсҳои омӯзишӣ ва мубодилаи таҷриба пешбинӣ кардааст.

Ширкати америкоии "DACC Global" - истеҳсолкунандаи технологияи навтарини энергияи таҷдидшаванда тасмим гирифтааст, ки бо кӯмаки Агентии рушди байналмиллалии ШМА (USAID) дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла, Тоҷикистон комплексҳои нави автономии обтаъминкуниро бо истифода аз неруи барқи офтобӣ васл намояд. Комплекси мазкур иқтидори дар як рӯз бо 32000 литр оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии деҳотро дошта, ба талаботи ҳифзи муҳити зист пурра ҷавобгӯ мебошад.

Дар марҳилаи ҷорӣ Тоҷикистон ва ШМА азму иродаи қавии худро ҷиҳати идомаи ҳамкории самарабахш ва гуногунпаҳлӯ дар соҳаҳои мубориза бо терроризм ва чолишҳои амниятӣ, таҳкими амнияти марзҳои ҷанубии Тоҷикистон, татбиқи ислоҳоти демократӣ ва сохторҳои давлатӣ, мусоидат ба пешрафти иқтисодиёти миллӣ, соҳибкорӣ ва технологияи муосир, маориф ва ғайра, изҳор менамоянд. Рушди босуботи робитаҳои дуҷониба натанҳо ба нафъи кишварҳо, балки ба манфиати сулҳу субот ва тараққиёти устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ равона гардидааст.

Шӯҳрат Султонов

Тоҷикистон ва Украина: Идомаи муносибатҳои судманд ва боэътимод

24 апрели соли 2012 аз барқарории муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина бист сол сипарӣ гардид. Аз соли 1999 дар шаҳри Киев Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон амал мекунад ва аз моҳи декабри соли 2010 дар пойтахти Украина Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти худ шурӯъ кард. Аз соли 2007 Сафорати Украина дар Тошканд ҳамзамон вазифаҳои намояндагии дипломатии Украина дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамуд. Хушнудона соли ҷорӣ намоянжагии дипломатии мустақими Украина дар ш. Душанбе ифтитоҳ гашта, 19 октябр Сафири фавқулодда ва Мухтори ин кишвар В. Никитюк эътиборномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон супурд.

Муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Украина мувофиқи анъанаҳо хусусияти гарму дӯстона дошта, бо эътимодонокӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ фарқ мекунанд. Тоҷикистонро бо Украина мутобиқат ва наздикии мавқеъҳо аз рӯйи масъалаҳои калидии сиёсати байналмилалӣ ва амниятӣ, инчунин иштироки ду кишвар дар ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ ба ҳам наздик месозад.

Имрӯз пояи шартномавӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина аз 79 ҳуҷҷат иборат буда, он соҳаҳои васеи ҳамкориҳои ду мамлакатро дар бар мегирад. Аҳдномаи дӯстиву ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина аз 6 июли соли 2011, инчунин созишномаҳо “Оид ба принсипи асосӣ ва самтҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ”, “Оид ба савдои озод”, “Оид ба ҷалб ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо”, “Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, саноат, нақлиёт ва сохтмон” дар байни ин ҳуҷҷатҳо ҷои махсусро ишғол менамоянд.

Дар тавсеаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Украина сафарҳои расмии Сарони давлатҳо майлони мусбат бахшидаанд. 15-16 декабри соли 2011 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Украина баргузор гардид. Дар рафти сафар Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Украина қабул гардид. Инчунин як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, ки ба рушд ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобила дар самтҳои гуногун равона гардиданд, ба имзо расиданд.

Дар вохӯрии сарони ду давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва Виктор Янукович, инчунин дар гуфтушунидҳои ҳайатҳои расмӣ баррасиҳои судманд оид ба масъалаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарии ҷонибҳо баргузор гардид. Қайд гардид, ки ҳаҷми гардиши мол байни Тоҷикистону Украина дар соли 2010 ба 200 млн.доллари амрикоӣ расида, назар ба соли 2009 ба қадри 65% зиёд гашта, тамоюл ба афзоиш дорад. Умуман дар гардиши савдои берунаи Тоҷикистон дар соли 2010 саҳми Украина нисбат ба соли 2009 ба қадри 1.8% зиёд гардида, дар маҷмӯъ 5,2%-ро ташкил кард, саҳми Украина дар савдои Тоҷикистон байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба 11.6% расид.

Пушида нест, ки сатҳ ва андозаҳои ҳамкориҳои муфид пеш аз ҳама ба иштироки бевоситаи тоҷирон ва соҳибкорони ду кишвар дар лоиҳаҳои муштарак вобаста мебошад. Бинобар ин мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Украина Виктор Янукович бо соҳибкорон ва тоҷирони ду кишвар, ки 15 декабри соли 2011 дар Киев баргузор гардид, барои тавсеа ва таҳкими чунин робитаҳо аҳамияти хоса дорад. Сарони ду давлат дар ин ҳамоиш таваҷҷӯҳи тоҷирон ва соҳибкорони ду кишварро ба иқтидори бузург ва имкониятҳои сершумори тавсеаи ҳамкориҳо, эҳтиёҷ ба ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои мухталиф ҷалб намуданд. Изҳори боварӣ шуд, ки созишномаи баимзорасида доир ба таъсиси Шӯрои байниҳамдигарии соҳибкорӣ ва оғози фаъолияти ин сохтор яке аз василаи самарабахши мукомлима ва пайдо кардани самтҳои нави ҳамкорӣ мебошад.

Унсури муҳими ҳамгироӣ дар таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷабҳа Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Украина оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки соли 2003 ташкил шудааст, ба шумор меравад. Мутаассифо-

на дар муддати шаш соли охир ин Комиссия бо баъзе сабабҳо ҷамъ намешуд ва амалан аз фаъолият боз монда буд. Бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон 5-6 декабри соли 2011 дар шаҳри Киев ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ баргузор гардид. Аз рӯи натиҷаи ҷаласаи Комиссия ҷонибҳо оид ба як қатор масъалаҳо, аз ҷумла кушодани муассисаи муштараки истеҳсоли агрегатҳо барои НОБ-ҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон, корхонаи муштараки истеҳсоли трансформаторҳо, муассисаи муштараки таъмири генераторҳо ба мувофиқа расиданд ва Протоколи дахлдорро ба имзо расониданд. Инчунин дар ҷаласа масъалаҳои ба Тоҷикистон фиристодани техникаи кишоварзӣ ва таҷҳизотҳои истеҳсолии Украина барои эҳтиёҷоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон (аз ҷумла таҷҳизоти тухмпошӣ ва нурипошӣ аз ҶСК "Красная Звезда", тракторҳои ҶСК "Харьковский тракторный завод" ва ҶИ "Южный машиностроительный завод", техника барои коркарди замин аз ҶММ "Белоцерковмаз") баррасӣ гардиданд. Умуман роҳҳои рушди минбаъдаи робитаҳо дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои дуҷониба баррасӣ ва муайян гардиданд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар соҳаи энергетика мебошад. Алҳол қариб 90% таҷҳизоти техникии нерӯгоҳҳои обии барқии Тоҷикистон, аз ҷумла НОБ-и Норак ва дигар нерӯгоҳҳои барқии силсилаи дарёи Вахш дар корхонаҳои саноатии Украина истеҳсол мегарданд. Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶСК "Турбоатом"-и Украина ҷиҳати кушодани Корхонаи муштараки лоиҳакашии таҷҳизоти турбинаҳои обӣ барои НОБ-ҳои хӯрд ва миёна ба мувофиқа расидаанд. Имрӯзҳо дар ҳамкорӣ бо ҶСК "Турбоатом" азнавсозии таҷҳизоти НОБ-и Норак, ки иқтидори онро 10% зиёд мегардонад, идома дорад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи энергетикаи обӣ ва мошинсозӣ низ байни идораҳои алоқаманд ва субъектҳои хоҷагидори ду кишвар давом доранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки корхонаҳои Тоҷикистон солҳои зиёд бо муассисаҳои саноатии Украина робитаҳои мустақими истеҳсолиро нигоҳ дошта истодаанд. Масалан, танҳо КВД "Ширкати Алюминии Тоҷик" (TALKO) бо зиёда аз 10 корхонаҳои Украина, аз ҷумла ҶСК "Сумское машиностроительное научно-производственное объединение", Корхонаи мошинсозии вазнини Днепропетровск, Корхонаи шассиҳои худ-

гарди Харков, Корхонаи коркарди металлҳои рангаи Артемовск ҳамкорӣ менамояд.

Тоҷикистон барои ҷалб намудани сармоягузорони украинӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ҷиҳати бунёди корхонаҳои саноатии муштарак, аз ҷумла барои истеҳсоли таҷҳизоти энергетикӣ, истиғроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ манфиатдор мебошад. Ба қатори самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо воридоти техникаи кишоварзӣ ва вагонҳои роҳи оҳани Украина дар асоси лизинг ва иштироки доираи соҳибкорони украинӣ дар сохтмони хатҳои нави роҳи оҳан дар Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ҷонибҳо ба масъалаи тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм, тандурустӣ, сиёсати ҷавонон ва сайёҳӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин самт кушодашавии бахшҳои мактабҳои олии Украина дар Тоҷикистон ва мубодилаи омӯзгорон ва донишҷӯён, инчунин олимони ду кишвар ҷойи хосаро ишғол менамояд. Ҳарсол аз рӯи бурсияҳои ҷониби Украина ва дигар имкониятҳо теъдоди муайяни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои олии Украина дохил мешаванд. Байни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина созишномаҳо ва шартномаҳои ҳамкорӣ баста шудаанд. Кушодашавии факултаҳои муштаракаи тоҷикӣ-украинӣ дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии техникии Тернопол намунаи равшани вусъати ҳамкориҳо дар соҳаи маориф мебошад. Айни замон тибқи мувофиқаи сарони ду кишвар ҷиҳати дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намудани бахши (факултаи муштарак) Донишгоҳи миллии техникии Харков корҳои зарурӣ идома доранд.

Дар Украина барои таҳсил ва фаъолияти донишҷӯёни тоҷик тамоми шароитҳои зарурӣ муҳайё карда шудааст. Чуночи, 27-29 апрели соли 2012 дар бузургтарин маркази таҳсилӣ дар шаҳри Харков Ҳамоиши якуми донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар донишгоҳҳои олии Украина таҳсил мекунанд, гузаронида шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокчиёни Ҳамоиш Паёми махсус фиристод, ки он бо сипосгузорӣ истиқбол карда шуд. Дар ҷаласаҳои умумӣ ва дар рафти кори ду бахши илмии Ҳамоиш, ки таҳти роҳбарии олимон ва профессорони мактабҳои олии Харков баргузо гаштанд, донишҷӯён бо беш аз 30 маърӯзаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, рушди соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва ком-

муникатсия, инчунин иҷтимоӣ-фарҳангӣ баромад карданд. Дар доираи Ҳамоиш Универсиадаи якуми донишҷӯёни Тоҷикистон аз рӯи 7 намуди варзишӣ, ки дар он 11 даста аз шаҳру вилоятҳо иштирок варзиданд, баргузор гардид. Инчунин дар рӯзҳои Ҳамоиш фестивали мусиқии донишҷӯёни Тоҷикистон доир гардид. Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти рӯзмарраи таълимӣ дар Ҳамоиш Шӯрои донишҷӯёни Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Алоқаҳо миёни олимони ду кишвар, хусусан тавассути ҳамкориҳо байни Академияи илмҳои миллии Украина (АИМ) ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсеа мёбанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки Академияи илмҳои Украина танҳо дар соҳаи математика 30 номзади илм ва 15 доктори илмро аз Тоҷикистон тайёр кардааст.

Робитаҳои фарҳангии ду кишвар дар ҳоли рушди доимӣ қарор доранд. Моҳи январи соли 2012 дар Иттифоқи нависандагони миллии Украина бо дастгирии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамоии китоби нависандаи машҳури украинии асри ХХ, лауреати ҷоизаи давлатии ба номи Леся Украинка, Григор Тютюнник, ки ба забони тоҷикӣ нашр шуда буд, гузаронида шуд. Дар рӯнамоии китоб роҳбарон ва аъзои Иттифоқи нависандагони Украина, намояндагони ҷомеаи эҷодкорон ва олимон, рӯзноманигорон, дипломатҳо, инчунин аъзои диаспораи тоҷикони Украина иштирок варзиданд. Иштирокчиёни рӯнамоӣ хотирнишон мекарданд, ки чопи китоби нависандаи машҳури украинӣ Г. Тютюнник ба забони тоҷикӣ бештар барои инкишофи ҳамкориҳои эҷодии нависандагон ва шоирони ду халқ, ба ҳам наздик сохтани фарҳанги халқҳои тоҷику украин мусоидат менамояд.

19 апрели соли 2012 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Украина дар доираи чорабиниҳо бахшида ба 20 солагии барқароркунии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Украина дар Донишгоҳи Миллии ба номи Тарас Шевченкои шаҳри Киев конфронси илмӣ-амалии “Тоҷикистон ва Украина дар фазои Авруосиё. Намунаи муколама”-ро гузаронид. Инчунин Сафорат намоиши китобҳои нависандагон ва шоирони тоҷикро, ки ба забони украинӣ чоп шудаанд, инчунин китобҳои муаллифони украиниро, ки ба забони тоиҷикӣ нашр шудаанд, барпо намуд.

Робитаҳо байни Академияи миллии санъати Украина, Иттифоқи рассомони Украина ва Иттифоқи рассомони

Тоҷикистон мешаванд мустаҳкам мегарданд. Дар ин самт ҷонибҳо ба масъалаҳои ташкили муштараки омӯзиши эҷодкорони ҷавон ва намоишгоҳҳои санъати таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир менамоянд. Дар ин росто, моҳҳои феврал-марти соли 2012 намоишгоҳи шахсии корҳои рассоми ҷавони Олеся Ҷураева, ки зодаи Тоҷикистон аст, баргузор гашт.

Ҳамчунин намунаи дигари рушди робитаи фарҳангии тоҷикистонӣ-украинӣ, фаъолияти рассоми украин Ксения Шевченко мебошад, ки бахшида ба эҷодиёти намояндаи адабиёти классикии тоҷик, шоир ва файласуфи машҳури асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ, кори илмӣ анҷом додааст. Ксения Шевченко тавассути ҳунари худ тавонистааст ҳамасронро ба мероси бузурги Абдураҳмони Ҷомӣ аз диди нав ошно созад.

Имрӯз дар Украина теъдоди зиёди тоҷиктаборон ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд. Ба ҳаёту фаъолияти онҳо шинос шуда, бо боварӣ метавон гуфт, ки тоҷикон метавонанд бо ҳамватанони худ, ки имрӯз таҷассумгари ҳам ватани таърихии худ ва ҳам Украинаи бародар мебошанд, ифтихор намоянд. Аз ҷумла, лоиҳаи Бобоевҳо, ки муқими вилояти Харков мебошанд, дар ин кишвар соҳиби эҳтироми ин кишваранд. Фарзанди аввали ин оила Рустам мастери шоистаи варзиши Украина буда, дар намуди варзишии "армсрейлинг" (бозухобонӣ) 18 маротиба қаҳрамони Украина, 15 маротиба қаҳрамони Аврупо, 18 маротиба қаҳрамони ҷаҳон гаштааст. Дастовардҳои ӯро бародараш Руслан ва хоҳараш Снежана давом дода истода, аллакай чандин маротиба унвонҳои қаҳрамони Украина, Аврупо ва ҷаҳонро дар ин намуди варзиш соҳиб шудаанд. Оилаи Ҳикматулло Ҳоҷиев низ намунаи чунин оилаҳои интернатсионалии баруманд ва соҳибэхтиром мебошад. Ин шахс алҳол ҷомеаи фарҳангӣ-миллии тоҷикони Қримро роҳбарӣ менамояд. Писаронаш Тимур ба ҳайси муҳандис ва Рустам хизматчии ҳарбӣ мебошанд. Духтараш Елена ҳамчун омӯзгори беҳтарини вилояти Львов шинохта шуда, ба эҷодиёт низ шуғл дорад. Ба наздикӣ ӯ маҷмӯаи шеърҳои худро бо забони тоҷикӣ аз нашр баровард.

Қайд кардан зарур аст, ки намояндагони диаспораи тоҷикон дар инкишофи иқтисодии минтақаҳои гуногуни Украина низ саҳми арзанда мегузоранд. Чунончи, хоҷагии кишоварзии "С-Росток"-и аз вилояти Николаевск, ки роҳбараш тоҷикистонӣ Тоҳир Садриддинов мебошад, ба ҳайси яке аз хоҷагиҳои беҳтарини Украина шинохта шудааст.

Ҳамкориҳои байниминтақавии ду кишвар самарабахш инкишоф меёбанд. Дар доираи ин ҳамкориҳо дар соли 2009 ҳайати Тоҷикистон дар ярмаркаи "Слабожанский" ва ҳамоиши сармоягузорӣ-инноватсионӣ, ки дар вилояти Харков баргузор гардид, иштирок намуд. Дар рафти ин сафар Ёддошти ҳусни тафоҳум байни мақомоти иҷроияи идораи давлатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти давлатии вилояти Харков оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва гуманитарӣ ба имзо расид. Дар навбати худ 28-30 октябри соли 2009 ҳайати расмии вилояти Харков ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда. Хотирнишон кардан муҳим аст, ки оид ба масъалаҳои робитаҳои мутақобилаи минтақавӣ Созишномаҳои ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, ва фарҳангӣ миёни вилоятҳои Суғд ва Днепропетровск ва созишномаи ҳаммонанд миёни вилоятҳои Хатлон ва Луганск ба имзо расидаанд. Ин созишномаҳо ҷиҳати дар сатҳи минтақавӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои хоҷагидорӣ, саноат, энергетика, маориф, таъсиси истеҳсолоти муштарак ва ба Тоҷикистон ворид кардани технологияҳои муосир заминаҳои хуби ҳуқуқиро муҳайё намудаанд.

Ҳамзамон масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба баррасии ҷиддӣ ва таҳлилро талаб мекунад. Омӯзиши ҳолати тиҷорати дуҷониба нишон медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорат бо Украина тавозуни манфӣ. Агар аз рӯи натиҷаҳои соли 2010 воридоти молмаҳсулоти украинӣ ба Тоҷикистон дар маҷмӯъ 188,7 млн. доллари амрикоиро (94%) ташкил дода бошад, пас содирот ба ин кишвар ҳамаги ба миқдори 11,3 млн. долл. америкоӣ анҷом дода шудааст.

Мӯҳлати Созишнома "Оид ба ҳамкории дарозмуддати иқтисодии барои солҳои 2003-2013" ва "Барномаи ҳамкориҳои иқтисодии байнидавлатҳо барои солҳои 2003-2013" ба наздикӣ ба анҷом мерасад. Бинобар ин ҷониби Тоҷикистонро зарур аст, ки зимни аз нав таҳия намудан ва ба имзо расонидани ин ҳуҷҷатҳо тағйиротҳо дар иқтисодиёти ду кишварро ба назар гирифта, ҷиҳати таъмини тавозуни содироту воридот бо ин кишвар тадбирҳо андешад.

Дар хулоса гуфтан мумкин аст, ки аз нуқтаи назари таърих 20 сол – муддати на он қадар зиёд мебошад, вале дар ин муддат дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина корҳои

хеле зиёд ба анҷом расидааст. Пояҳои меъёрӣ-ҳуқуқии устувор ташкил шудааст, дар соҳаҳои иқтисодиёт, маориф ва фарҳанг ҳамкориҳо инкишоф ёфта истодаанд, робитаҳо байни минтақаҳо ва муассисаҳои истеҳсолии ду кишвар васеъ шуда истодаанд. Муҳим он аст, ки байни кишварҳои мо муносибатҳои гарму эътимодомез барқарор шудааст, ки ба таври анъанавӣ хусусияти дӯстона дошта, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ бо ҳамдигарфаҳмӣ фарқ мекунад. Бо боварӣ метавон гуфт, сафарии корӣ ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Киев, ки 1-2 июли соли 2012 бо таклифи Президенти Украина Виктор Янукович сурат гирифт, далели чунин муносибатҳои дӯстона мебошад.

Зимни ин сафар сарони давлатҳо масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаро муҳокима карда, тамоюли инкишофи мусбии муносибатҳои тоҷикӣ-украиниро дар бисёри соҳаҳо иброз доштанд. Бо назардошти ин итминон аст, ки дар оянда муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина торафт вусъат пайдо намуда, ба сатҳи боз ҳам баландтар хоҳанд расид.

Абдугани Мамадазимов

Основные этапы становления и развития двусторонних отношений между РТ и ЕС

Условно, можно выделить три основных этапов в становления и развития межгосударственных отношений между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом.

1-й этап (1992-2001 гг.). Этап гуманитарного сотрудничества ЕС и РТ в рамках комплекса взаимоотношений ЕС – СНГ и ЦА.

Совместное заявление стран Европейского экономического сообщества (ЕЭС) от 31 декабря 1991 г., в котором было закреплено признание государственной независимости государств, возникших на территории бывшего Советского Союза, выступило основой отношений формирующего европейского Союза с этими новыми государствами, включая РТ.

Общеизвестно, что в 1992 году согласно Маастрихтского Договора было образовано Европейский Союз в составе 15 стран Старого Света, который в следующем году (1993 г.) стал полноправно функционировать. Юридическое оформление сообщества государств (ЕС), в первом случае, и усилия по координации действий для региональной кооперации государствами (ЦА), в другом, оставили свой неизгладимый отпечаток в становлении и развитии двусторонних отношений между ЕС и государствами региона, включая Таджикистан, где региональный подход до сих пор преобладает над страновом подходом или в меньшей мере взаимодополняют друг друга.

В начальном этапе (1992-93 гг.) регион Центральной Азии не рассматривался как самостоятельным направлением внешней политики Евросоюза, а рассматривался только в рамках СНГ. Свидетельством которого является разработанной уже в конце 1991 году программа ТАСИС - техническая помощь странам СНГ.

Общие цели в отношении стран СНГ в сферах ядерного нераспространения и поддержки реформ обусловили приоритетное развитие отношений ЕС с Казахстаном и Кыргызстаном.

Сложная военно-политическая ситуация в Таджикистане в первые годы налаживания двусторонних отношений не позволил их поступательного развития, включая сферы технического сотрудничества. Представительство ТАСИС, открытое в Душанбе в 1992 г. вынуждено было через несколько месяцев функционирования свернуть свою деятельность из-за угрозы безопасности его сотрудникам после возгорания гражданской войны. Именно гражданская война и ее негативные последствия (вынужденная миграция, продовольственная угроза и т.д.) стали диктовать сферу деятельности в двусторонних отношениях. После закрытия офиса ТАСИС ЕС не стал полностью сворачивать отношения с Таджикистаном. Акцент переместился в гуманитарную сферу, где Еврокомиссия стала тесно сотрудничать с ПРООН и другими организации. Через год (1993 г.) в г. Душанбе открывается региональное представительство Гуманитарного департамента Европейской Комиссии (ЕСНО) для Центральной Азии. Именно деятельность этой организации Евросоюза выступил символом первого этапа двусторонних отношений - гуманитарное сотрудничество.

Ҳамчунин Куруш қаноатмандии шоҳони зердасташро аз муваффақиятҳои ӯ дар Бобул зикр намудааст: «ҳама подшоҳони ҷаҳон, аз дарёи боло то дарёи поён ва тамоми сарзаминҳои дурдаст ва ҳама подшоҳони Омурӣ, ҳатто чодарнишинон ба ман хироҷ доданд ва дар Бобул ба ман шодбош гуфтанд. Ҳама аз…. то Ошур ва Шуш»[2]. Қабл аз ҳаракат ба сӯи Бобул қаламрави ду давлати бузург – Мод ва Лидия, инчунин ба эҳтимоли зиёд давлатҳои Осиёи Миёна аллакай ба давлати форсҳо шомил гардида буданд ва дар ин катиба Куруш ишора ба онҳо дорад.

2. Таҳаммулпазирии Куруш нисбати расму ойини мазҳабии мардуми Бобул. Куруш менависад, ки «ман аз дидани вазъи Бобул ва ҷойгоҳҳои муқаддасаш нороҳат шудам». Ин ҷо ғарази Куруш шояд ҳамон харобкориҳоест, ки Набонид нисбати расму оини мазҳабӣ анҷом дода буд ва дар қисми аввали катиба зикраш рафтааст. Дар идома Куруш фармудааст: «Ба фармони ман ҳама мардум дар парастиши худои худ озод шуданд ва касе онҳоро наёзурд ва ҳич кас ба ҳақи мардум дастдарозӣ накард. Мардук аз рафтори ман хушнуд шуд». Ҷои дигар дар матн омадааст, ки «фармон додам тамоми ниёишгоҳҳоеро, ки баста буданд, дубора боз кунанд ва эҳтироми изадонро ба ҷой оваранд». «Ва низ пайкари яздони Шумер ва Аккадро, ки Набонид бар хилофи назари Мардук ба Бобул оварда буд, бо хурсандӣ ва барои ризоияти Мардук ба ниёишгоҳҳои мардум бозгардонам»[3].

Маълум аст, ки ҳахоманишиён мазҳаби худро доштанд, вале Куруш дар Бобул нисбати Мардук эҳтиром гузошта, худро ситоишгари ӯ хондааст ва ба подшоҳӣ расидани худро дар Бобул аз баракату иродаи ӯ медонад. Дар катиба омадааст: «Мардук ба ман, ки ситоиш-

1. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – 310 с.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ҳамон ҷо.

гари ӯ ҳастам ва ба Камбуҷияи писарам ва ба сипоҳиёни ман баракат дод. Мо ҳама дар сулҳ ва дӯстӣ ва ба шодӣ ӯро сутудем. Ба фармони ӯст, ки ҳама подшоҳон бар тахти подшоҳӣ нишастаанд». Куруш ҳамчунин ичрои орзуҳои худро ба хости худоёни ин сарзамин вобаста медонад: «Умедворам, ки ҳама дилҳо шод шаванд, умедворам, ки ҳама изадон, ки ҷойгоҳҳои онҳоро эҳтиром кардам, ҳар рӯз дар пешгоҳи худои бузург зиндагонии дарозро бароям орзӯ кунанд ва орзӯи баракат барои ман дошта бошанд ва маротиби эҳтироми Куруш шоҳ ва писараш Камбуҷияро ба Мардук эълом кунанд. Бидуни шак мардуми Бобул бо ин иқдомот шоҳро гиромӣ доштанд»[1].

3. Аз байн бурдани бардагӣ (ғуломӣ). Куруш навиштааст, ки «Набонид бо мардуми дармондаи Бобул чун бардагон рафтор мекард, коре, ки асло сазовор набуд». Тавре бармеояд, Куруш чун бо барда муносибат кардани шоҳи Бобулро бо мардуми худ маҳкум карда, идома медиҳад: «ман бардадориро барандохтам ва ба бадбахтиҳои онон поён додам»[2]. Зиёда аз ин, тавре аз катиба бармеояд, Куруш роҳ надодани худро ба паймол кардани ҳуқуқи сокинони шаҳри Бобул таъкид намудааст: «ҳич кас ба ҳақи мардум дастдарозӣ накард».

4. Кӯшишҳои Куруш барои сулҳ ва ризоияти ҷомеа. Куруш навиштааст, ки «ман барои барқарории сулҳ кӯшидам». Шоҳи ҳахоманишӣ дар банди дигар ин фикрро чунин тақвият бахшидааст: «Ман барои ҳама ҷомеаи пур аз оромиш омода кардам ва дӯстиву меҳрро ба тамоми мардум ҳадя додам»[3]. Дар мавриди дигар, тавре зикр гардид, Куруш нисбати Мардук изҳори эҳтиром намуда, «мо ҳама дар сулҳ ва дӯстӣ ва ба шодӣ ӯро сутудем». Яъне, сулҳ, меҳру дӯстӣ ва шодиро Куруш ҳамчун шартҳои муҳими ҳаёти кишвар донистааст.

5. Иқдомҳои Куруш барои обод кардани шаҳрҳои харобшуда, ғамхорӣ нисбати мардум. Ҷиҳати дигари фарқкунанда дар фаъолияти Куруш обод кардани шаҳрҳои харобгардида буд, ки ин масъала дар ин катиба низ аз мадди назар берун намондааст. Дар ин маврид дар маншури Куруш навишта шудааст: «Ман шаҳрҳои Огода, Ашнуно, Замбон, Матурну, Дир, сарзамини Гутиҳо ва ҳамчунин шаҳрҳои он сӯи Даҷларо, ки вайрон шуда буд, аз нав сохтам». Чизи дигаре, ки дар мавриди ободкорӣ дар катиба равшан ба назар мерасад ва ниёз ба маънидод кардан надорад, ғамхории шоҳи ҳахоманишӣ нисбати мардум аст: «Тамоми мардумонеро, ки овора шуда буданд, ба ҷои худ боз гардондам ва хонаҳои вайрони онҳоро дубора сохтам». Куруш дар бандҳои 38-40 дар бобати сохтмонҳояш дар шаҳри Бобул маълумот додаст, ки матни он қисман, хусусан дар банди 38 бештар хароб шудааст. Аз ҷумла, омадааст, ки «девори оҷарии хандақи

1. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – 310 с.

2. Ҳамон ҷо.

3. Ҳамон ҷо.

шаҳрро, ки подшоҳон гузашта бо барда кардани мардум сохта буданд… тамом кардам», «дарвозаҳои бузург бо дарҳое аз чӯби садр ва рӯкаши муфаррағ барои онҳо гузоштам…»[1].

Ҳамин тариқ, дар маншури Куруш ҳатто аз нигоҳи имрӯз муҳимтарин масъалаҳое, ки барои ҳаёти сазовор ва озодонаи инсонҳо заруранд, инъикоси худро ёфтаанд. Вале бояд гуфт, ки дар ин катиба на ҳама тадбирҳое инъикос ёфтаанд, ки он вақт Куруш дар Бобул анҷом дода буд. Масалан, иқдомҳое, ки нисбати яҳудиён сурат гирифтанд, озод кардани онҳо, баргардондани зарфҳое, ки аз ниёишгоҳҳои онҳо мусодира шуда буданд, ба Байтулмуқаддас баргардондани яҳудиён ва дар бораи аз нав бунёд кардани маъбадашон дар ин шаҳр фармон содир кардан – аз ҷумлаи ин иқдомҳои башардӯстонаи Куруш мебошанд, ки дар Таврот ва дигар сарчашмаҳо инъикос ёфтаанд. Бо чунин иқдомоти худ Куруш аз шоҳони ошурию халдей фарқ мекард[2].

Вазъи ҳуқуқи башар дар аҳди ворисони Куруш ва сулолаҳои баъдии эронӣ

Дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон дар аҳди ворисони Куруши Кабир - шоҳони ҳахоманишӣ аз катибаҳои бақомондаи онҳо баъзе хулосаҳо баровардан имкон дорад. Хусусан аз Дорои I (солҳои ҳукмрониаш 522-486 то м.) ва писари ӯ Хашоёршо (486-465 то м.) катибаҳои бештар боқӣ мондаанд, ки аз онҳо дар бораи паҳлӯҳои гуногуни давлатдории ҳахоманишиҳо маълумот гирифтан мумкин аст. Аз сангнабиштаҳо, хусусан катибаи Бесутун бармеояд, ки Дорои I нисбати шӯришгарон чораҳои қатъӣ андешида, дар ҷангҳо онҳоро мағлуб ва саркардагонро мувофиқи хости худаш ҷазо додааст[3]. Вале чунин ҳолатҳо истисноӣ буданд ва дар маҷмӯъ шоҳоне, ки пас аз Куруш сари қудрат омаданд – Камбуҷияи II, Дорои I идомадиҳандаи анъанаҳои шоҳи аввалӣ буданд.

Аз мазмуни катибаҳо бармеояд, ки Камбуҷияи II ва Дорои I дар мавриди ба ҷо овардани эҳтироми халқҳои зердаст анъанаҳои Курушро ба пуррагӣ риоя кардаанд.

Камбуҷия пас аз он ки Мисрро забт кард, мувофиқи расму оини мардуми ин кишвар – чун фиръавн ба тахт нишаст. Дар осорхонаи Ватикан муҷассамаи бидуни сари шоҳзодаи мисрӣ аз замони ҳахоманишиҳо мавҷуд аст, ки болои он катибае бо хати ҳироглиф

1. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – 310 с.

2. Косидовский З. Библейские сказания; Сказания евангелистов: Пер. с пол. – М.: Политиздат, 1990. – С. 253.

3. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – 310 с.

ҳак шудааст. Дар ин катиба, ки муҳимтарин сарчашма дар бораи фатҳ шудани Миср аз тарафи Камбуҷия ба шумор меравад, омадааст: «Ҳангоме, ки Камбуҷия, шоҳи бузург ва шоҳи ҳамаи кишварҳо ба Миср омад, мардони бисёре аз кишварҳои мухталиф бо ӯ буданд. Пас аз он, ки ӯ дар ин сарзамин ба тамомӣ подшоҳӣ ёфт, ба маъбади Тоис рафт ва дар баробари Худои бузург ба хок афтод… Ӯ маро пизишки аъзам номид ва ман ба дастури подшоҳ заминҳои хуб ба коҳинон додам, ба кӯдакон ғизо додам, корҳои судманд барои тангдастон ва ятимон анҷом додам ва ба фармони подшоҳ ҳамаро аз гирифториҳои бузург раҳонидам»[1]. Чуноне, ки Куруш ҳангоми музаффарият бар давлатҳои дигар, шоҳони онҳоро қатл намекард, Камбуҷия ҳам баъд аз фатҳи Миср фиръавн Псамметихи III-ро накушта, балки дар сари ҳукумат нигоҳ дошт. Вале Псамметих бошад пас аз муддате зидди форсҳо шӯриш бардоштанӣ шуд ва ҳангоме, ки ин тавтеа фош гардид, ӯ худкушӣ кард. Сипас Либия ихтиёран ба итоати Камбуҷия даромад. Ҳангоми ба Миср лашкар кашидан кишварҳои ҳамсоя ба ӯ ёрӣ расонида буданд, флоти Финикия ӯро дастгирӣ кард.

Дорои I ҳам дар Миср бо риояи расму оини ин кишвар ба тахт нишаст. Зиёда аз ин, бо фармони ӯ канали бузург Таръа (Суетс) аз дарёи Нил ба баҳри Сурх канда шуд, ки тавассути он киштиҳо ҳаракат мекарданд[2]. Дар катибаҳои худ Дорои I сарчашмаи подшоҳӣ ва кору амали худро аз иродаи «худои бузург Аҳурамаздо» дониста, баъзан дар радифи Аҳурамаздо «ва худоёни дигар» навиштааст, ки ба андешаи баъзе муҳаққиқон ин нишонаи политеизми Дориюш не, балки эҳтиром гузоштан ба худоёни халқҳои сокини қаламрави империатриаш мебошад. Гузашта аз ин, дастгирии Аҳурамаздоро низ аз он медонад, ки росткор ҳақрафтор будааст. Дар катибаи Бесутун Доро навиштааст: «Аз он ҷиҳат Аҳурамаздо маро ёрӣ кард ва худоёни дигаре ки ҳастанд, бевафо набудам, дурӯғгӯ набудам, дароздаст набудам. На ман, на дудмонам мувофиқи ҳақ рафтор кардам. На ба заъиф, на ба тавоно зӯр наварзидам. Марде ки ба хонадони салтанатиам ҳамроҳӣ кард, ӯро нек навохтам. Он ки зиён расонид, ӯро сахт кайфар додам»[3].

Ҳамчунин дар чанд катибаи Дорои I ба масъалаҳои гуногуни нигоҳ доштани тартибу низом дар ҷомеа ишораҳо шудааст. Масалан, дар катибае, ки аз харобаҳои Шуш пайдо шудааст, Доро бо ишора ба он ки қаблан кишварҳо ҳамдигарро, зур нотавонро мезад,

1. Муҳаммадпаноҳ Беҳном. Кӯҳандиёр (ба забони форсӣ). Теҳрон, Сабзон, 1385. – с. 55.

2. История Древнего Востока. Тексты и документы: Учеб. Пособие / Под ред. В.И. Кузищина. – М.: Высш. Шк., 2002. – С. 401.

3. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – С. 60.

зикр мекунад, ки бо хости Аҳурамаздо он кореро ба иҷро расондааст, ки «ҳич як дигареро назанад» ва «саросар ҳар касе дар ҷои худ аст». Дар идома Доро зикр кардааст, ки аз қонуни ӯ метарсанд, «то тавонотар заъифро назанад (ва) ҳалок насозад»[1].

Аз мазмуни катибае, ки ба Хашоёршо таалуқ дораду ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ дар Тахти Ҷамшед ёфт шуд ва онро «катибаи девҳо» низ ном мебаранд, хулоса кардан мумкин аст, ки ин шоҳ дар мавриди паҳн кардани дини зардуштӣ шояд ислоҳотеро роҳандозӣ карданӣ будааст. Зеро Хашоёршо сарзамини наверо ба давлати худ ҳамроҳ накарда буд ва аз лиҳози динӣ агар кишваре мушкилоте медошт дар аҳди шоҳони қаблӣ пеш меомад. Хашоёршо дар катибаи ёдшуда нигоштааст: «Ҳангоме, ки ман шоҳ шудам дар миёни ин кишварҳое, ки дар шӯриш буд пас аз он Аҳурамаздо ба ман ёрӣ арзонӣ фармуд. Ба хости Аҳурамаздо он кишварро задам ва дар ҷояш нишондам. Ва дар миёни ин кишварҳо ҷое буд, ки қаблан девҳо парастиш карда мешуданд. Пас аз он ба хости Аҳурамаздо ман он маъбади девҳоро хароб кардам ва эълон намудам девҳо парастиш карда нахоҳанд шуд. Ҷое, ки қаблан девҳо парастиш карда мешуданд, дар он ҷо ман Аҳурамаздо ва (Арута)-ро бо фурутанӣ парастиш кардам»[2].

Масъалаи дигар муносибати шоҳони ҳахоманишӣ бо ғуломдорист. Назари Куруш дар маншури ӯ оварда шуд. Роҷеъ ба шоҳони дигар маълумоти асосӣ дар сарчашмаҳои юнонӣ мавҷуд буд ва аксари муҳаққиқон бар он буданд, ки иморатҳои бошукӯҳи Тахти Ҷамшед ва дигар осори боқимондаи аҳди ҳахоманишӣ ба дасти ғуломон сохта шудаанд. Вале пас аз кашфи чанд ҳазор кулчаҳои гилин бо катибаҳо дар хазинаи Тахти Ҷамшед равшан гардид, ки ҳунармандони ба сохтмон ҷалбшуда ҳаққи заҳмат мегирифтаанд ва ғулом набуданд.

Бояд зикр намуд, ки анъанаҳои давлатдории ҳахоманишиҳо барои давлатдориҳои минбаъдаи эронӣ, хусусан сосониён ва сомониён мавриди пайравӣ ва истифода қарор доштанд. Аз ҷумла чандин шоҳи сосониро метавон ном бурд, ки бо адолатпешагию халқпарварии худ ном бароварда буданд ва миёни онҳо Хусрави I Анушервон, ки дар адабиёт бо номи Анушервони одил низ ёд мешавад, ба сатҳи намуна расид. Роҷеъ ба раиятпарварии шоҳони сосонӣ далелҳои таърихӣ зиёданд. Барои мисол, дар замони ҳукмронии Фирӯзи I (459-483) дар кишвараш қаҳтию хушксолии сахте рух дод, ки ба қавле ҳафт сол давом ёфт. Муаррихон менависанд, ки Фирӯз дар ибтидо аҳкоме содир кард, то мардуми сарватманд ба фақирон кумак намоянд ва ҳокимон масъули маоши аҳолӣ бошанд. Бо давом ёфтани қаҳтӣ аҳолиро аз ҳар гуна молиёт озод

1. Тарҷумаи катибаҳои ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бистун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш). Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). Марвдашт, «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – С. 60.
2. Ҳамон ҷо.

кард. Сипас дарҳои хазинаи худро кушода, мискинонро дастгирӣ намуд. Дар ҳамон аҳвол аз Юнон, Мовароуннаҳр ва Ҳабашия ғалла ворид кард. Ӯ чандин шаҳр бунёд кард ва исавиёнеро, ки аз мамлакати Рум хориҷ шуда буданд, ба кишвари худ паноҳ дод[1].

Аз рӯи маълумоти мавҷуд дар бораи шоҳони сомонӣ дар фаъолияти онҳо низ адолатпешагию раиятпарварӣ мақоми хосае дошт. Низомулмулк дар «Сиёсатнома»-и худ аз рӯзгори «амири одил» Исмоили Сомонӣ, ки «сахт одил будааст ва ӯро сиратҳои некӯ бисёр будааст, бо худои таоло эътиқоди софе дошт ва дарвешбахшое буд» воқеаеро дар бораи муносибати ӯ бо Яъқуби Лайс нақл карда, дар охир одатеро аз шоҳи сомонӣ овардааст: «Исмоилро одат чунон будааст, ки рӯзе ки сармои сахт будию барф бештар омадӣ, танҳо барнишастӣ ва ба майдон омадию то намози пешин бар пушти асп будӣ. Гуфтӣ, ки мутазаллиме ба даргоҳ ояд ва ҳоҷате дошта бошад ва ӯро маскане набошад, чун ба узри сармою барф моро дар хона бинад ва ба мо расидани вай душвор бошад ва чун бубинад, ки мо истодаем, биёяд ва кори худ бигузораду ба саломат бозгардад. Ва монанди ин ҳикоят бисёр аст…»[2].

Ҳамин тариқ, дар вобастагӣ ба маншури Куруши Кабир, амалкарди ин шоҳаншоҳи додгар ва пайравони ӯ ду мавридро махсус зикр кардан лозим аст. Яке он аст, ки анъанаи адолатпешагӣ дар давлатдории сулолаҳои эронӣ чун амри зарурӣ қабул шуда буд ва то ҳадди имкон онро риоя кардаанд. Ҳатто дар замони ҳукмронии бегонаҳо (арабҳо, туркҳо, муғулҳо) вазирони эронии онҳо (Бармакиён, Низомулмулк, Ҷувайнӣ, Рашидуддин Ҳамадонӣ) кӯшиш ба харҷ додаанд шоҳонро мӯътақид созанд, то давлатдорӣ бар пояи адолат устувор бошад. Мавриди дигар – дар адабиёт ба вуҷуд овардани образи «шоҳи одил» аст, ки аз ҷониби муҳаққиқон тариқи гуногун маънидод мешавад. Дар ин бобат низ ҳамчунон метавон зикр кард, ки Маншури Куруш то ба вуҷуд омадани чунин адабиёт арзи вуҷуд карда буд ва дар таҷрибаи давлатдории халқҳои тоҷику форс ин масъалаи ҳалшуда ба шумор мерафт.

Беҳуда нест, ки дар соли 1971 Созмони Миллали Муттаҳид китибаи Курушро ба унвони «нахустин маншури ҳуқуқи башар» эътироф намуда, тарҷумаи онро ба тамоми забонҳои расмии созмон мунташир сохт. Нусхаи устувона дар мақари асосии СММ дар шаҳри Ню-Йорк нигаҳдорӣ мешавад ва асли он ҳоло дар Осорхонаи Британия, воқеъ дар Лондон маҳфуз аст.

1. Куллиёти таърихи Эрон. Аз оғоз то машрутият бо зикри аснод ва маохизи он. Таълифи доктор Азизуллоҳ Баёт. (ба забони форсӣ) – Техрон, Муассисаи мутолиот ва интишороти таърихӣ, 1380. - С.88; Ганҷинаи таърихи Эрон (Подшоҳони сосонӣ). Гирдоваранда Саид Қонеӣ.(ба забони форсӣ) 1389. – С. 57.

2. Низомулмулк. Сиёсатнома (Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов). Муҳ. А. Султонова. – Душанбе: Адиб, 1989. – С. 24.

АЗ БОЙГОНИИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ

Имсол аз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъулияти ояндаи кишварро бар души худ гирифта, раванди ҳодисаҳоро ба маҷрои қонунӣ бозгардонд, 20 сол сипарӣ гашт. Ҳар як ҳуҷҷате, ки дар ин Иҷлосияи сарнавиштсоз қабул карда шуд, ҷиҳати комёб шудан ба чунин мақсади волои аҳамияти хосса дошт. Мутаасифона шакли маҷалла ва ҳаҷми бахши мазкур имконият намедиҳанд, ки ҳар яке аз онҳо нашр карда шавад. Аз ин рӯ, ҷиҳати инъикоси миқёси фаъолияти пурмӯҳтавои вакилони мардумӣ, ки ҳангоми баргузории ин ҷаласа сурат гирифт, номгӯи қарорҳоеро, ки дар рафти он қабул гардиданд, ба хонанда пешниҳод менамоем.

Ҳамзамон, аксҳое, ки пешкаши хонандагон мегарданд, рӯҳия ва фазоеро, ки зимни Иҷлосия дар толори ҷаласаҳои умумӣ ва музокираҳо дар ҳошияи он миёни вакилони халқ ҳукмрон буданд, беҳтар аз ҳама таҷассум месозанд.

Дар шумораи мазкур инчунин матнҳои Эъломия дар бораи усулҳои ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз 1 июни соли 1992 ва Эъломияи усули ҳамкориҳои дӯстона миёни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1992, ки ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди ҷумҳурӣ бо ин кишварҳои дӯсту бародар огоз гузоштанд, манзури хонандагони арҷманд мегарданд.

Идораи маҷаллаи
"Сиёсати хориҷӣ"

Номгӯи санадҳои ҳуқуқие, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) кабул шудаанд

1. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум.
2. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйирот ба рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даровардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи статуси депутатхои халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон".
4. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пеш аз мухлат кать гардидани ваколати депутатхои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хавзаи алохидаи инти- хоботй.
5. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеъфои раисони кумитаҳо, комиссияҳои доимй ва аъзоёни Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби Комиссияи ҳисоб барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ оид ба бозхонди Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонди Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров
8. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба бозхонди Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Комиссияи ҳисоб барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихобоги Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
10. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиат ба мамлакатҳои ИДМ оид ба дохил кардани қувваҳои сулҳхоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

13. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аризаи Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Р.Н. аз 7 сентябри соли 1992.

14. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аризаи Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Р.Н.

15. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардани Қоимдодов Қ.

16. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардани Хидиралиев Х.

17. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод кардани Мирзоев А.

18. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи изҳороти аъзоёни Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

19. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби гузаронидани овоздиҳӣ оид ба тасдиқи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

20. Қдрори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

21. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум дохил кардани масъалаи дастгоҳи ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

22. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби раисони кумитаҳо ва комиссияҳои доимии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андози даромади шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа” аз 6 январи соли 1992.

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйирот ба Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

25. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Созишномаи авиатсияи шахрвандии байналхалқӣ, ки 7 декабри соли 1944 дар Чикаго ба имзо расидааст.

26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз андози иловашуда озод кардани роҳхатҳо ба табобатгоҳҳои санаторию курортӣ, истироҳатгоҳҳо ва лагерҳои солимгардонии тобистона.

27. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аризаи Раиси Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомов А.

28. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дохил кардани тағйирот ба рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум.

29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезагон.

30. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Раиси Кумитаи қонунбардорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардани Раҷабов С.

31. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Раиси Комиссияи одоби депутатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардани Бобоев Б.

32. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи шартнома оид ба бехатарии коллективонаи давлатҳои иштирокчии ИДМ.

33. Фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон

34. Фармони Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барҳам додани ширкати давлатии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

35. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ратификатсияи шартномаи бехатарии коллективонаи давлатҳои иштирокчии ИДМ.

36. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷорӣ кардани вазъияти фавқуллода ва қоидахои шабгардӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе".

37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд.

38. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурӣ. Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо,

39. ба тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурӣ.

40. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

41. Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

42. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992.

43. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

44. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барои гуфтушунид бо тарафхои мухолиф ба посёлкаи Айваҷ фиристодани гурӯҳи депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

45. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки дар мухолифати мусаллаҳона дар минтақаҳои ҷудогонаи Ҷумҳурӣ зарар дидаанд.

46. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дохил кардани тағйирот ба рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум.

47. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дохил кардани тағйирот ба ҳайати кумитаю комиссияҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

48. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.

49. Фармони и.в. Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Вакили Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Исломии Афгонистон таъйин кардани Мерганов Савлатшо.

50. Фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси беэътибор донистани фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1992 № ФП- 223 “Дар бораи таъсиси Шӯрои Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

51. Фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дар вазифаи Раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Душанбе барқарор намудани Икромов М.М.

52. Фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Вакили Мухтори ҶУМҲУРИИ Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка таъин намудани Мирзоев М.

53. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум дохил кардани масъалаи институти ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

54. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба узвияти Захираи арзи байналхалқӣ, Бонки байналмилалии тағдиду тараққиёт, Ассотсиатсияи байналмилалии тараққиёти Корпоратсияи байналмилалии молия ва Агентии бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон.

55. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба узвияти Захираи арзи байналхалқӣ, Бонки байналмилалии тағдиду тараққиёт, Ассотсиатсияи байналмилалии тараққиёти Корпоратсияи байналмилалии молия ва Агентии бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

56. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсия (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

57. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

58. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

59. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйироту иловахо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

60. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шахрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

61. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сохтори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

62. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муовинони Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

63. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

64. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Мудири корҳои Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

65. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Қирғизистон фиристодани намояндагони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

66. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Узбекистон фиристодани намояндагони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

67. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Қазоқистон фиристодани намояндагони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

68. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба анҷумани депутатҳои халқи Федерасияи Россия фиристодани намояндагони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

69. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муовинони Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

70. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аъзоёни Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

71. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармуҳаррири рӯзномаи “Садои мардум”.

72. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарконуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

73. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкил намудани вилояти Хатлон дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

74. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

75. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқ кардани Грамотаи дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бонки Аврупоии таҷдид ва тараққиёт.



Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, 19 ноябри соли 1992

Собиқадорони меҳнат, ду карат Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Абдулҳамид Самадов ва вакили куҳансолтарин Миралӣ Маҳмадалиев ҳангоми танаффуси Иҷлосия

Ҳангоми музокира

Вакили халқи Тоҷикистон Қ. Тураев ҳангоми музокира

Аз толори иҷлосия

Ҷараёни овоздиҳӣ

Дар раёсати иҷлосия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, 19 ноябри соли 1992



Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев, 19 ноябри соли 1992

Акси хотиравии иштирокчиёни Иҷлосия

Гирди мизи оши оштӣ

Гурӯҳе аз иштирокчиёни Иҷлосия

Раиси ширкати ҳавопаймоии Тоҷикистон, вакили халқ Мирзо Мастонгулов ҳангоми музокира

Вакили халқи Тоҷикистон Руслан Абдураҳмонов ҳангоми музокира

Ҳангоми музокира

Гирди мизи оши оштӣ

Вакили халқи Тоҷикистон Ҳикмат Шарипов ҳангоми музокира

Иштирокчиён ва меҳмонони Иҷлосия

Ҳангоми музокира

Иштирокчиёни Иҷлосия ҳангоми танаффус

Вакили халқи Тоҷикистон Абдулмаҷид Достиев ҳангоми музокира

Иштирокчиёни Иҷлосия Маҳмудҷон Собиров ва Абдураҳмон Мухтошев ҳангоми табодули андеша

Ҳамгоми танаффус. Вакилони халқ М. Илолов ва Ш. Шодавлатов



Сӯҳбати вакилони халқ Акбаршо Искандаров ва Сайфиддин Тураев ҳангоми танаффус



Толори асосии Қасри Арбоб дар рафти иҷлосияи таърихӣ

Иштирокчиёни Иҷлосия ба парчами миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арҷ мегузоранд

Дар назди микрофон Саломиддин Шаропов

Вакилон дар толори Иҷлосия

Аввалин мусоҳибаи Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзноманигорон

Вакилон дар толори Иҷлосия

Суханронии ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, профессор Юсуф Исоқӣ аз минбари Иҷлосия

Вакилон аз Қасри Арбоб ба танаффус мебароянд

Вакилони халқ дар рафти Иҷлосия

Сӯҳбати Шодӣ Шабдолов – вакили халқ, Раиси Ҳизби коммунистии Тоҷикисон бо хабарнигорон

Академик Муҳаммад Осимӣ тарҳи нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вакилони халқ муаррифӣ мекунад

Иштирокчиёни Иҷлосия

Э Ъ Л О М И Я

дар бораи усулҳои ҳамкорӣ байни
Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии
Исломии Покистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд,

бар пояи робитаҳои амиқи таърихӣ ва ҳарҳангии ду кишвар,

бо содиқ мондан ба манфиатҳои сулҳ, устуворӣ ва пешрафт ҳам дар минтақа ва ҳам дар тамоми ҷаҳон,

бо хоҳиши мусоидат ба мустаҳкам намудани муносибатҳои дустӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд миёни мардумони ду кишвар бо тасдиқи вафодории худ ба меъёрҳои шинохташудаи муносибатҳои байнидавлатие, ки аз усулҳо ва мақсадҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид бармеоянд, ба қарорҳои зерин расиданд:

1. Тарафҳо муносибатҳои мутақобиларо дар ҳазои дусти, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд дар тамоми соҳаҳо бар асоси эҳтироми истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, тамомияти арзӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар инкишоф ва мустаҳкам менамоянд.

2. Тарафҳо мувофиқи усулҳо ва мақсадҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ки он талабгори таъмини сулҳу амнияти халқҳо мебошад, райтор намуда бо якдигар ва дигар мамлакатҳо дар амри нигоҳдори ва таҳкими сулҳ дар минтақа ва дар тамоми ҷаҳон ҳамкорӣ хоҳанд кард.

3. Тарафҳо ба ҳамкори дар арсаи байналмилали аҳамияти муҳим дода бо якдигар оид ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалие, ки ба манфиатҳояшон дахл доранд, машваратҳо анҷом хоҳанд дод. Онҳо инчунин қарор намуданд, ки дар ташкилотҳои байналмилали ҳамкорӣ менамоянд.

4. Тарафҳо қарор намуданд, ки дар сатҳҳои гуногуни сиёсӣ, дипломатӣ ва расмӣ аз ҷумла мулоқотҳои роҳбарони ду кишвар, тамосҳои муназзамро анҷом дода инкишофи доими

2.

ва мустаҳкам намудани робитаҳои мутақобиларо таъмин менамояд.

5. Ду Тараф дар асоси усулҳои баробарҳуқуқи, фоидаи мутақобила ва режими мусоидати аъло ба ҳамкории ҳамачониба дар иктисод, савдо, илм ва мубодилаи технология, наклиёт (аз ҷумла ҳавои, автомобили, наклиети роҳи оҳан ва истифодаи бандарҳои баҳри дар Покистон) мусоидат мекунанд. Онҳо инчунин робитаҳо ва тамосҳоро байни худ дар соҳаҳои иттилоот, маориф, матбуот, радио ва телевизион, кино, туризм ва варзиш инкишоф медиханд.

6. Тарафҳо кушишҳои худро дар мубориза ба мукобили терраризми байналмилали, ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриконунии маводи нашъаманди ва инчунин дар соҳаи муҳофизати муҳити зист ҳамоҳанг намуда бо ин максад дар ташкилотҳои серсоҳаи минтақавию байналмилали ҳамкори мекунанд.

7. Тарафҳо бар асоси дарки мутакобилаи он, ки инкишофи робитаҳои дуҷониба ва байналмилали ба ҳеч гуна тариқ ба муносибатҳои онҳо бо кишварҳои саввум набояд дахл намуд, амал менамоянд.

8. Эъломияи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расиданаш дорои эътибор хоҳад гашт. Ин Эъломия то замоне, ки яке аз Тарафҳо Тарафи дигарро қаблан дар бораи қатъи амали он огаҳ насозад қобили эътибор хоҳад буд.

Ин Эъломия дар шахри Исломобод I июни соли 1992 дар ду нусха ба забонҳои тоҷики ва англиси, ки ҳарду дорои эътибори яксон мебошанд, таҳия гардида ба имзо расидааст

АЗ ТАРАФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАХМОН НАБИЕВ

АЗ ТАРАФИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

МУҲАММАД НАВОЗ ШАРИФ

Э Ъ Л О М И Я И

усули ҳамкорихои дӯстона миёни Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бинобар даъвати ҷаноби оқои Акбар Хошимии Рафсанҷонӣ – Раиси Ҷумҳурии Исломии Ирон, ҷаноби оқои Раҳмон Набиев – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳбарии як ҳайати олирутба аз таърихи 7 то 8 моҳи тири соли 1371 баробар бо 28 то 29 июни соли 1992 ба Ҷумҳурии Исломии Ирон сафари расмӣ намуд.

Зимни ин сафар ҳайати олирутбаи Тоҷикистон бо ҷаноби оқои Хошимии Рафсанҷонӣ – Раиси Ҷумҳурии Исломии Ирон ди – дор ва музокирот анҷом дод. Дар ин музокирот, ки дар фазои дустона, бозътимод ва ҳамдигарфаҳмии том сурат гирифт, Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъдан Тарафҳо номида мешаванд, бар асоси усули дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, тичоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ, саноатӣ ва фарҳангӣ чиҳати поягузории робитаҳои Тарафайн иқдом намуда, ба ин мақсад доираи робитаҳо ва ҳамкорихои дучониба-ро дар заминаҳои гуногун муайян карданд ва ба мувофиқати зерин расиданд:

Моддаи 1.

Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои байниҳамдигарро ҳамчун кишварҳои ба ҳам дӯст ва барабарҳуқуқ ривоҷу равнақ хоҳанд дод. Ду кишвар дар асоси усули эҳтироми соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва мудохила накардан ба умури дохилии якдигар, ишора накардан ба зӯрӣ ё таҳдид накардан ба истифода аз зӯровари, ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофот, риояти ҳуқуқи башар, озодиҳои асосӣ ва риояи уҳдадорихои байналмилали амал хоҳанд намуд.

Моддаи 2.

Ду Тараф барои муносибатҳои ҳамачониба аҳамияти зиёд доштани гуфтушунидҳоро дар олитарин сатҳ зарур дониста, барои инкишофи онҳо дар оянда розигии худро таъкид мекунанд.

Моддаи 3.

Бо таваҷҷух ба таъсиси кишварҳои мустақили ташкилдиҳандаи Иттиҳоди Шуравии собиқ, Тарафҳо бар асоси шароити нав оид ба омода сохтан ва бастани мувофиқатномаҳои дарозмуддати ҳамкори бар асоси усули баробари ва дусти иқдом хоҳанд намуд.

Моддаи 4.

Тарафайн қарор карданд, ки вазирони корҳои хориҷии ҳарду кишвар соле камаш як бор бо яқдигар бо навбат дар Техрон ва Душанбе мулоқот ва музокира намоянд.

Моддаи 5.

Тарафҳо ба кори муҳофизат ва таҳкими сулҳ дар саросари ҷаҳон, муборизаи бар зидди гун кардан ва истифода намудан аз силоҳи қатли ом, аслиҳаи хастаи, кимиёи ва микробиологи аҳамият хоҳанд дод.

Моддаи 6.

Тарафҳо ба густариши робитаҳои парламентии миёни ду кишвар аҳамият дода, барои ташкили гуруҳҳои ҳамкории парламентии ду мамлакат саъю кушиш мекунанд.

Моддаи 7.

Тарафҳо қарордоданд, ки робитаҳои дӯстонаи ду кишвар бар пояи умумияти таърихӣ, фарҳангӣ, қавмӣ, мазҳабию забонӣ ба унвони робитаҳои дӯстона дар сатҳи байналмилалӣ татбиқ гардад.

Моддаи 8.

Тарафҳо ҳамкориҳои тиҷорати ва иқтисодии байни ҳамдигарро мувофиқи қонунҳои амалкунандаи худ ва ҳамаи қоидаҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ инкишоф дода, дар бобати ин ҳамкорихо қарордодҳои зарурӣ хоҳанд баст.

Моддаи 9 .

Тарафҳо зарурат ва аҳамияти иҷрои шартномаҳои байни Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳамкорихо оиди нафту газ, умури иқтисодӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ ва саноатӣ, инчунин дар заминаҳои дигаре, ки манфиатҳои ду Тарафро ифода мекунанд, таъкид намуда, ба ин мақсад, ба - рои имзо кардани мувофиқатномаҳои лозима иқдом менамоянд.

Моддаи IO.

Тарафҳо карор менамоянд, ки ба қадри имкон дар кори мубориза бо ҷиноятҳои табиӣ ва кӯмакрасонии ҳамачониба ба якдигар дар ин бобат кушиш намуда, саъй мекунанд, то сохторҳои муштаракеро бо мақсади пешгирӣ аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва бартараф кардани окибатҳои онҳо ташкил диҳанд.

Моддаи II.

Ду Тараф хоҳони онанд, ки Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик минтақаҳои сулҳ ва озод аз силоҳи ҳастаӣ ва кимиёӣ эълон гарданд ва даъват мекунанд, ки кишварҳои минтақа дар таъмини сулҳ ва оромӣ дар минтақаҳои зикршуда ва саросари ҷаҳон иштирок намоянд.

Моддаи I2.

Тарафҳо карор намуданд, ки назар ба истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати осонтар сохтани равобит, ки худ ҷа - вобгӯи дархостҳои шахрвандони ду кишвар аст, қарордоди мах- сусеро оид ба умури консулӣ аз тарафи вазоратҳои умури хо - ричӣ ба имзо расонанд.

Моддаи I3.

Ду Тараф мувофикат намуданд, ки барои ҳамкорихои ҳама- ҷонибаи муштарак шароити мусоиди ҳуқуқи, молияви ва тиҷорати- ро фарохам оваранд ва ба кори мубодилаи иттилооту таҷри- баҳо ва дониши техникии миёни ду кишвар, аҳамият диханд.

Моддаи I4.

Бо мақсади ҳамкории амалӣ дар хусусои мавзуъҳои дучони- ба ва байналмилалии ба Тарафайн ҷолиб дар Созмони Милали Муттаҳид, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии ду Тараф музокироту машваратҳоро дар сатҳҳои гуногун анҷом медиханд.

Моддаи I5.

Ду Тараф ба таври мутақобил ва ҷомеъ дар соҳаҳои сие- сӣ, тиҷорати, иқтисодӣ, илмӣ, технологӣ ва экологи бар асо- си баробарии манфиатҳо бо яқдигар ҳамкори хоханд кард.

Моддаи I6.

Тарафҳо ҷонибдори ҳалли мушкилоту ихтилофоти байни давлатҳои мустақили ташкилдиҳандаи Иттиҳоди Шуравии собиқ танҳо аз тариқи музокироти сиёсӣ ва дигар роҳҳои сулҳомез буда, дар ин бобат аз ҳалли мусолиматомези бухрони Қаробог химоят намуданд. Тарафи Тоҷикистон талошҳои миёнравии Ҷум- ҳурии Исломии Ирон ро оид ба сулҳу салоҳ овардани ин минта- ка тарафдори менамояд.

Моддаи I7.

Тарафҳо дар кори ба роҳ андохтани алоқаҳои байниҳамдигарӣ дар заминаҳои илмӣ, ҳунарӣ, адабиёт, умури тиббӣ, танду - рустӣ, эътиқодоти мазҳабӣ, матбуъот, радио ва телевизион, кино ва театр, туризм ва варзиш иқдом намуда, ҳоиди муболилаи ҳайатҳои ба ин соҳаҳо алоқаманддуда иқдом хоҳанд кард.

Моддаи I8.

Тарафҳо қарор доданд, то ду кишвар барои беҳтар истифода кардани имконияту тавоноии мавҷудаи ду мамлакат бо мақсади густариши ҳамкориҳои илмию техникӣ ба марказҳои таҳқиқо - тии якдигар бештар мусоидат намоянд.

Моддаи I9.

Тарафҳо дар соҳаи мубориза ба мукобили чиноятҳо, тер - роризм, қочоқи маводи нашъаманнӣ, роҳзании хавоию бахрӣ ва ғайриқонуни баровардани ашеи дорои арзиши фарҳанги табодули таҷриба намуда, дар масъалаҳои граждани ва чиноӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Ин Эъломия дар таърихи 9 моҳи тири соли I37I ҳичрии шамсӣ баробар бо 30 июни соли I992 милодӣ дар Теҳрон таҳия шуда, дар ду нусха, ҳар як аз он ба забонҳои форсӣ ва точикӣ, ки ҳарду эътибори яксон доранд, ба имзо расидааст.

АЗ ТАРАФИ
ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ИРОН

АКБАР ҲОШИМИИ РАФСАНҶОНӢ
РАИСИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ
ИРОН

АЗ ТАРАФИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАҲМОН НАБИЕВ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН

Маълумотнома
дар бораи муаллифони мақолаҳо

Ҳамрохон Зарифӣ – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;

Шералӣ Ҷононов – Сардори Раёсати шартномавӣ–ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Фаррух Умаров – Сармутахассиси Раёсати корҳои хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Худойбердӣ Холиқназаров – Муовини аввали Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми таърих;

Қозидавлат Қоимдодов – Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус, номзади илмҳои кишоварзӣ;

Нуриддин Шамсов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка;

Шуҳрат Султонов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Украина;

Абдуғанӣ Мамадазимов - Дотсенти Кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ;

Икромиддин Неъматов - Мушовири фиристодаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон;

Аҳмад Саидмуродов - корманди Раёсати созмонҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;

Лайли Моширӣ – Намояндаи Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Имомиддин Сатторов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон;

Урмат Саралаев - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ;

Парвиз Шамолов - мутахассиси Раёсати пажӯҳишҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Рухшона Одилова - корманди илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Давлаталӣ Назриев - Сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

МУНДАРИҶА

Ҳамрохон Зарифӣ - Тоҷикистон
ва масоили глобалии ҷаҳони муосир 4

Шерали Джононов - Международно-правовые акты
в правовой системе Республики Таджикистан
(теоретические аспекты) 18

Фаррух Умаров - Таджикистан и международные
исламские организации: проблемы
и перспективы сотрудничества 29

Худобердӣ Холиқназаров - Нақши Иҷлосияи XVI
Шӯрои Олӣ дар ҳифзи низоми дунявии
давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 38

Қозидавлат Қоимдодов - Иҷлосияи сарнавиштсоз
ва рушди дипломатияи истиқрори сулҳ 45

Нуриддин Шамсов - Самтҳои асосии рушди
муносибатҳои дуҷониба миёни
Тоҷикистон ва ШМА дар марҳилаи ҳозира..... 59

Шӯҳрат Султонов - Тоҷикистон ва Украина:
Идомаи муносибатҳои судманд ва боэътимод..... 65

Абдугани Мамадазимов - Основные этапы
становления и развития двусторонних
отношений между РТ и ЕС 73

Икромиддин Неъматов - Вазъи муносибатҳои дуҷонибаи
Тоҷикистон бо Эрон 81

Ахмад Саидмуродов - Внешнеполитическая стратегия
США в Центральной Азии: теория и практика 90

Имомиддин Сатторов - Назаре ба сиёсати хориҷии
Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва муносибатҳои
он бо кишварҳои Осиёи Марказӣ 103

Урмат Саралаев - Центрально-азиатский регион:
геополитическая роль, интеграционные процессы,
водно-энергетические проблемы 113

Laylee Moshiri - On the eve of 20 years of
UNICEF partnership in Tajikistan..... 128

Парвиз Шамолов - Состояние и перспективы развития
инвестиционного комплекса Республики Таджикистан ....…..... 141

Рухшона Одилова - Ключевые проблемы развития
туристско–рекреационного комплекса Таджикистана 150

Давлаталӣ Назриев - Маншури ҳуқуқи башари Куруши Кабир 159

Аз бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 172

Номгӯи санадҳои ҳуқуқие, ки дар
Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
(даъвати дувоздаҳум) қабул шудаанд 173

Силсилаи аксҳо аз рафти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ 179

Эъломия дар бораи усулҳои ҳамкорӣ
байни Тоҷикистон ва Покистон..... 198

Эъломияи усули ҳамкориҳои дӯстона
миёни Эрон ва Тоҷикистон 200

Маълумотнома дар бораи муаллифони мақолаҳо 205